Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

18 марти
соли 2015,
чоршанбе,
№12 (991)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН



Минбари халқ
18 марти соли 2015,
№12 (991)

# НАХУСТИҶЛОСИЯИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН, ДАЪВАТИ ПАНҶУМ

**17 марти соли равон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якуми иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати 5-ум иштирок ва суханронӣ намуд.**



**КОРИ** иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳайати нави вакилони мардумӣ, ки рӯзи 1 марти соли равон интихоб шуданд, пас аз ба толор ворид шудани Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби вакили аз ҳама калонсол, Раиси ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон **Абдуҳалим Ғаффоров** ифтитоҳ гардид.

Дар оғози иҷлосия тартиби инъикоси ҷараёни кори иҷлосияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори омма муайян шуда, Комиссияи муваққатии баҳисобгирии овозҳо оид ба интихоби роҳбарони сохторҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуд.

Сипас тариқи овоздиҳии пинҳонӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуд. Ба вазифаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби вакилон **Олимҷон Сафаров, Хайринисо Юсуфӣ, Рустам Латифзода** ва **Дилшод Исматуллоев** номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии № 12-Рашт **Шукурҷон Зуҳуров** пешниҳод карда шуд.

Тариқи овоздиҳии пинҳонӣ ба мақоми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо овози ҳамаи вакилон Шукурҷон Зуҳуров интихоб карда шуд.

Баъд бо пешниҳоди Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Котиботи иҷлосия, Муовини якум ва муовинони раиси Маҷлиси намояндагон тавассути воситаҳои овоздиҳии электронӣ интихоб карда шуданд. Ба вазифаи Муовини якуми раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ аз ҳисоби ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон **Абдуҷаббор Азизӣ** ва муовинҳои Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ аз ҳисоби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон **Хайринисо Юсуфӣ** ва вакил аз ҳавзаи интихоботии № 41 - Хоруғ **Акрамшо Фелалиев** интихоб гардиданд.

Пас аз интихоби роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сухан ронда, пеш аз ҳама вакилони нави парлумони кишварро бо интихоб шуданашон ба ин мақоми баланду пурмасъулият табрику таҳният гуфт. Ҳамчунин ба роҳбарияти тоза интихобшудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханҳои шодбошӣ гуфта шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи баланди касбии ҳайати нави Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноат карда, аз ҷумла хотирнишон намуд, ки 12 нафар вакил занон, гурӯҳи калони онҳо ҷавонони болаёқату ташаббускор, 2 академик, 8 доктори илмҳо ва 17 нафар номзади илмҳо мебошанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари иҷрои вазифаи асосии худ, яъне таҳия ва қабули қонунҳое, ки ба нафъи ҷомеа ва давлат нигаронда шудаанд, ҳамчунин рафти иҷрои қонунҳо ва қарорҳои қабулшударо бояд пайваста зери назорат бигирад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз вазифаҳои пурмасъулияту таҳдирсоз, ки дар назди Ҳукумат ва Парлумони Тоҷикистон барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда, коҳиш додани таъсири манфии омилҳои беруна, таъмини рушди босуботи кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум истодаанд, ёдовар шуда, изҳори бовар намуд, ки давоми панҷ соли фаъолияти ҳайати нави Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Тоҷикистон ба дастовардҳои тақдирсоз ноил мегардад.

Баъд аз ин бо пешниҳоди Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва овоздиҳии вакилон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 кумита ва 3 комиссия таъсис ёфт ва раисони ин сохторҳо интихоб карда шуданд.

***Ҳамин тариқ, интихоб шуданд:***

**Маҳмадалӣ Ватанов** - раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон;

**Ҷӯрахон Маҷидзода** - раиси Кумитаи тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният;

**Шариф Раҳимзода** - раиси Кумитаи иқтисод ва молия;

**Рустам Латифзода** - раиси Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология;

**Олим Салимзода** - раиси Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот;

**Лутфия Раҷабова** - раиси Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон;

**Ҳилолбӣ Қурбонзода** - раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ;

**Абдураҳим Холиқзода** - раиси Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ;

**Садриддин Шарипов** - раиси Кумита оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия;

**Олимҷон Бобоев** - раиси Комиссияи экологӣ;

**Муродулло Давлатзода** - раиси Комиссия оид ба одоби вакилон;

**Азизмуҳаммад Холмуҳаммадзода** - раиси Комиссия оид ба назорати дастур ва ташкили кор.

Ба ҳамин тартиб, Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муовини якум ва муовинони раис ва раисони кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

# ОҒОЗИ СОХТМОНИ ТЕАТРИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Нимаи дуюми рӯзи 17 март Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги асос ва нома ба наслҳои оянда ба сохтмони Театри миллии Тоҷикистон, ки дар паҳлӯи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва боғи Парчами миллии Тоҷикистон қомат рост хоҳад кард, оғоз бахшид.**



**ТАВРЕ** зикр гардид, бинои Театри миллии Тоҷикистон аз 2 ошёнаи зеризаминӣ ва 5 ошёнаи рӯйизаминӣ иборат буда, баландиаш 34,5 метр хоҳад буд.

Тибқи лоиҳа, бинои театр аз 3 толори калон ва толору утоқҳои сершумори дигар иборат мешавад. Толори асосии он дорои 2500 ҷойи нишаст ва 2 толори дигар яке дорои 1200 ва дувумӣ 1000 ҷойи нишаст мебошад. Баландии толори асосӣ 16-18 метр, дарозию паҳноии саҳнааш 30х21,6 м буда, он ҳамчунин дорои ҷойи нишасти оркестр, ду саҳнаи паҳлӯӣ, саҳнаи пушт, утоқҳои машқу тамрин ва дигар шароити зарурии сатҳи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ошёнаҳои болоӣ толорҳои намоишӣ ва бадеӣ, толорҳои машқу тамрин, устохонаҳои бадеӣ ва дигар ҳуҷраҳо ҷойгир мешаванд.

Дар ошёнаҳои зеризаминӣ барои қариб 250 мошин таваққуфгоҳ ва ҳам утоқҳои зиёди техникӣ ва ёрирасон ҷой хоҳанд гирифт. Бино бо шабакаҳои гармидиҳӣ, ҳавотозакунию салқинсозӣ ва дигар шабакаҳои зарурӣ муҷаҳҳаз мешавад.

Ҷойи таъкид аст, ки лоиҳаи Театри миллии Тоҷикистон давоми 5 сол бо омӯзиши тарҳи беҳтарин театрҳои кишварҳои гуногуни ҷаҳон омода шуда, ба тамоми стандартҳои муосир ҷавобгӯй мебошад.

Ба таъкиди мутахассисон, ин театр бузургтарин ва зеботарин иншоот дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ хоҳад буд.

*president.tj*

# ҲХДТ - ТАШАББУСКОРИ ОБОДИИ МЕҲАН

Рӯзи шанбеи гузашта ҳайати кормандони Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, идораи рӯзномаи "Минбари халқ"-нашрияи марказии ҳизб, ташкилоти ҷамъиятии ҷавонони "Созандагони Ватан" ва намояндагони ташкилотҳои ҳизбии шаҳри Душанбе, шаҳру навоҳии Турсунзода, Шаҳринав, созмони ҳизбии корхонаи алюмини шаҳри Турсунзода-"ТалКо" ва гурӯҳи калони ҷонибдорони ҲХДТ дар ҷавоби дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ободонию кабудизоргардонии кишвар дар боғи фарҳангию фароғатии ноҳияи Ҳисор ҳашари умумӣ гузаронда, садҳо бех дарахтони мевадору сояафкан шинонданд.



Дар суратҳо лаҳзаҳо аз ҷараёни маъракаи ниҳолшинонӣ дар ноҳияи Ҳисор.

Чуноне ки Муовини аввали Раиси ҲХДТ Саидмурод Фаттоҳзода тазаккур дод, чорабинии мазкур дар доираи омодагӣ ба 3000-солагии Ҳисори шодмон барпо гардид, ки мақсади он саҳми муносиб гузоштани ҳизбиён дар ин ҷашни муборaку таърихӣ буд. Зимнан, ба тариқи рамзӣ ба ифтихори сеҳазорсолагии Ҳисор кормандони масъули ҳизбӣ ва коллективҳои шарики мо 3000 ниҳол шинонданд.

Дастгоҳи КИМ ҲХДТ, комиҷроияҳои вилоятию шаҳрӣ ва ноҳиявии он қарор додаанд, ки дар рӯзҳои гарму офтобии баҳор дар чунин шанбегиҳо фаъолона иштирок карда, дар амри ободонию созандагӣ ва бунёди боғҳои нав саҳми муносиби худро гузоранд.

**У. СОЛЕҲ**



*Суратгир Т. Рӯзиев*

## МАҶЛИСИ МУАССИСОНИ ГУРӮҲИ ВАКИЛИИ ҲХДТ

u **ҚӮРҒОНТЕППА.** Маҷлиси муассисони Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Қӯрғонтеппа бо иштироки 39 нафар вакили тозаинтихоб баргузор гардид. Маҷлисро Т.Наҷидуллоев, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Қӯрғонтеппа кушода, ҳамаи вакилонро ба муносибати тасдиқи ваколаташон аз тарафи иҷлосияи якуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, даъвати панҷум табрик гуфт. Мавсуф зикр кард, ки номзадҳои пешбаринамудаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Қӯрғонтеппа дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар шаҳри Қӯрғонтеппа пурра ба таври алтернативӣ ба ҳарифони худ ғолиб омаданд.

Дар ҷаласа Хайрулло Назаров роҳбар, Бибисоро Қурбонова ва Умедҷон Билолов муовинони роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Қӯрғонтеппа интихоб шуданд.

**А. САФАРЗОДА**

## ИҚДОМИ НЕК

u **ХУҶАНД.** Тибқи дастуру супоришҳои Кумитаи иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд кумиҷроияи шаҳри Хуҷанд бо ҷалби аъзои ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан"-и кумиҷроияи вилоятию шаҳрии ҳизб бахшида ба Рӯзи модар дар асоси иқдоми пешгирифтаи ҳизб таҳти унвони "Модар- ҳама гул, ҳама тарона" дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд зиёда аз 1000 нафар модарону бонувонро ба муносибати идашон табрик намуда, ба онҳо гулҳои тару тоза ва фитаҳои суруду таронаҳои санъаткорони варзидаро баҳри болидахотирии модарону бонувон тақдим намуд. Занону модарон оинаи беғубор, инъикоси симои зоҳирӣ ва ботинии ҳар давлату миллатанд. Зан-модар сатҳи хираду маърифати миллату давлатро таҷассум менамояд. Таърихи башарияти ҷаҳон бо номи Зан- модар ҳамбастагии зич дорад. Тарбияи насли навраси имрӯза пойдевори ояндаи ҷамъияти мо мебошад. Ва имрӯз дар тарбияи насли наврас ҳиссаи модарон хеле калон аст.

## РӮЗҲОИ ИСТИРОҲАТ ДАР НАВРӮЗ

**Ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дарТоҷикистон 6 рӯзи истироҳат эълон шудааст. Мувофиқи хабари Федератсияи мустақили иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ ҷашни Наврӯз рӯзҳои 21, 22, 23 ва 24-уми март ҷашн гирифта мешавад.**

**Аз он, ки рӯзҳои 21 ва 22-юми март ба рӯзҳои истироҳатии шанбе ва якшанбе рост меоянд, рӯзҳои 25 ва 26-уми март низ истироҳат эълон мешаванд. Ҳамин тавр, аз 21 то 26-уми март барои кормандони идораҳо рӯзҳои истироҳатӣ аст.**

**"МХ"**

## ЗАНОНИ ХУШБАХТИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

u **СУҒД.** Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд бахшида ба Рӯзи Модар чорабинии идона доир намуд. Дар ҷамъомад раиси Кумиҷроия Сарфароз Юнусов иштирок карда, бонувонро бо фасли зебои сол - баҳори нозанин ва Рӯзи Модар табрику муборакбод гуфт ва бароишон тамоми хушиҳои олам ва барору комёбиҳои беназирро таманно намуд. Сарфароз Юнусов зимни суханони муборакбодӣ бо таассуроти нек аз интихоботи гузашта зикр кард, ки се нафар бонувони вилоят сазовори мансаби вакили Маҷлиси намояндагон гардиданд. Ӯ ҳамчунин гуфт, ки бо дастгирии Ҳукумати кишвар ва ғамхориҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон имрӯз занони озоду хушбахти даврони истиқлол дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт фаъолияти густурда дошта, дар пешрафту тараққиёт ва гулгулшукуфии Ватан ҳиссаи сазовор мегузоранд. Дар интиҳо бонувоне, ки дар чорабинӣ ширкат доштанд, бо тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд. Дар навбати худ бонувон изҳор карданд, ки ҳамеша ҷонибдори сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат ҳастананд ва баҳри амалӣ гардидани мақсаду мароми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳиссагузор хоҳанд буд.

**Тоҷибой СУЛТОНӢ**

## ҚАДРШИНОСӢ

u **ҚӮРҒОНТЕППА.** Дар арафаи иди матбуот раиси вилояти Хатлон Давлатшо Гулмаҳмадзода рӯзноманигорон ва матбуотчиёни вилоятро ба ҳузур пазируфта, онҳоро ба ифтихори



Рӯзи матбуот табрику таҳният гуфт. Раиси вилоят саҳми рӯзноманигоронро дар ошкор намудани камбудиҳо, инъикоси дастовардҳо ва расидан ба ваҳдати комили кишвар баланд арзёбӣ намуда, ба онҳо қалами тезу ақли расо орзу кард ва ҳамзамон аз рӯзноманигорон даъват ба амал овард, ки дар атрофи давлату миллат, Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид бошанд, дар бедории афкор, худогоҳӣ, меҳанпарастӣ, аз даст надодани зиракии сиёсӣ ва таъмини зиндагии шоиста саҳм гузоранд ва одобу ахлоқи журналистиро риоя намоянд.

## ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ ОБРАСОНӢ

u **КӮЛОБ.** Дар деҳаи Гулободи ҷамоати Даҳана маросими ифтитоҳи "Маркази обрасонӣ" баргузор гардид. Дар расми ифтитоҳ муовини аввали раиси шаҳри Кӯлоб Файзалӣ Қурбонов бошандагони се деҳаи ҷамоат- Гулобод, Гулзор ва Анварободро, ки таъминот бо оби ошомиданӣ дар ин деҳот боз ҳам беҳтар гашт, муборакбод гуфта, барои саҳмгузорӣ дар анҷоми як лоиҳаи калон, ки дар ҳамоҳангӣ бо ташкилоти "ОКСФАМ" амалӣ гашт, ба Кумитаи рушди маҳалли ҳар се деҳа, ки дар маҷмӯъ бештар аз 3300 нафар зиндагӣ мекунанд, изҳори сипос намуд. Роҳбари ташкилоти байналмилалаии ОКСФАМ дар Тоҷикистон ҷаноби Боян Колунҷия аз ҳамкориҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва ҷамоати Даҳана изҳори қаноатмандӣ намуда, барои анҷоми ин кори шарикӣ ҳозиринро муборакбод гуфт. Гуфта мешавад, дар амалӣ намудани ин лоиҳа се деҳаи ҷамоат 2813 сомонӣ саҳм гузоштанд. Ин ҳануз охири кор нест, дар марҳилаи навбатӣ бунёди 14- дарвозаи хурди обтақсимкунӣ бо маблағи 68690-сомонӣ дар назар дошта шудааст. Бояд гуфт, ки чанде пеш миёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва Барномаи Рушди СММ дар Кӯлоб созишнома ба имзо расид, ки тибқи он як лоиҳаи бузурги обтаъминкунии ҷамоатҳои деҳот амалӣ хоҳад шуд, ки маблағи он бештар аз дувуним миллион сомониро дар бар мегирад.

**А. САФАРЗОДА**

Минбари халқ
18 марти соли 2015,
№12 (991)

# Соли Мавлоно Ҷомӣ



## ДАР ТОҶИКИСТОН БОБАРОР БУД

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

Ҳамин гуна корҳои созандагию бунёдкорӣ давоми соли пурфайзи 2014 дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар ба назар мерасид. Тайи як соли сипаришуда Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои ба истифода додани бузургтарину пураҳамияттарин иншооти нав ва оғози сохтмони чунин корхонаю муассисаҳо 3 дафъа ба ноҳияи Ҳисор, 2 бор ба шаҳри Ваҳдат, 1 дафъагӣ ба ноҳияҳои Файзободу Рӯдакӣ, 2 бор ба шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Чкалов ва Қайроққум ва як бор ба шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд, се дафъа ба ноҳияи Данғара, 2 дафъа ба ноҳияи Хуросон ва якборӣ ба шаҳру ноҳияҳои Қурғонтеппа, Бохтар, Ҷалолиддини Румӣ, Панҷ, Қумсангир, Ҷиликул, Қубодиён, Носири Хусрав, Шаҳритус ва Ёвони вилояти Хатлон сафарҳои корӣ анҷом дода, ҳамзамон бо мардуми касбу кори гуногун мулоқоту суҳбатҳои судбахш доир намуд.

Дар шаҳри Ваҳдат бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар 6 га гармхонаи муосири сабзавотпарварӣ, корхонаи коркарди чарм ва истеҳсоли либосу пойафзол аз он ва корхонаи қубурҳои пластикии калонқутр, як мактаби замонавӣ барои 1280 хонанда дар 2 баст ва як шифохонаи хусусӣ бо 100 кати хоб мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Дар ин шаҳр ба сохтмони 3 маҷмааи биноҳои истиқоматии аз 9 то 26-ошёна, ки дорои зиёда аз 3000 хона хоҳанд буд, варзишгоҳи марказӣ, боғи марказии фарҳангию фароғатӣ бо чойхонаи миллӣ, майдончаҳои бозию дилхушӣ ва атраксионҳои гуногун, як мактаб барои 1240 хонанда, як корхонаи бузурги семент ва як маркази илмию истеҳсолии коркарди тухмӣ асос гузошта шуд.

Дар маҳаллаи навбунёди Истиқлоли шаҳри Ваҳдат ба 108 хонаводаи аз заминҷунбии моҳи ноябри соли 2013 бесарпаноҳмонда хонаҳои нав дода шуд ва 250 оилаи хонаҳояшон қисман осебдида соҳиби қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ шуданд. 50% масолеҳи сохтмонӣ ба онҳо аз ҳисоби Ҳукумати кишвар ройгон дода мешавад. Дар ин маҳалла ҳамчунин сохтмони мактаби нави замонавӣ барои 2480 хонанда дар 2 баст оғоз ёфт.

Ҷойи таъкид аст, ки соли 2014 дар тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон вусъати баланди корҳои созандагӣ ба назар мерасид.

Ин кор хусусан дар ноҳияи Ҳисор, ки мардумаш ба солгарди 3000-ум аз ин минтақаи таърихии кишвар омодагӣ мебинанд, ҷӯшу хурӯш дорад.

Зимни боздиди навбатии худ аз ноҳияи Ҳисор дар моҳи августи соли 2014 Сарвари давлат бо рафти сохтмони варзишгоҳи бузург, ки дорои 20 ҳазор ҷойи нишаст хоҳад буд, маҷмааи Мактаби президентӣ ва чойхонаи миллӣ шинос шуд.

Президенти кишвар ҳамчунин бо рафти сохтмони қасри фарҳанг, китобхона ва осорхонаи ноҳиявӣ, эҳёи қалъаи Ҳисор ва ҳам навсозии роҳҳои маҳаллӣ шинос шуда, ду маҷмааи мехмонхона ва марказҳои хизматрасонӣ, як бинои бисёрошёнаи истиқоматии дорои 72 хона ва як корхонаи хишти дорои иқтидори солонаи 80 миллион дона хишти хушсифати пухтаро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин аз чанд хоҷагии кишоварзии ноҳияи Ҳисор, аз ҷумла аз боғи суперинтенсивии себ, ки нисбат ба боғҳои бобоӣ 3-4 баробар зиёд ҳосил медиҳад, дидан карда, бо корҳои намунавии боғдорӣ ва зироаткорӣ бевосита шинос шуд.

Хотиррасон бояд намуд, ки дар доираи омодагӣ ба ҷашни 3000-солагии Ҳисор, ки моҳи сентябри соли 2015 баргузор мегардад, дар ин ноҳия наздики 200 иншооти таъиноти гуногун бунёд ёфта, маркази он ба як шаҳри ободу зебои замонавӣ табдил хоҳад ёфт.

Бояд тазаккур дод, ки 3000-солагии Ҳисор ба феҳристи санаҳои таърихиву фарҳангии созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шудааст ва он бояд дар сатҳи баланд ва бо омодагии ҳамаҷониба истиқбол гирифта шавад.

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бинои нави панҷошёна ифтитоҳ ёфт.

Дар моҳи сентябри соли 2014, ки пур аз рӯйдодҳои пурарзиш дар татбиқи сиёсати бороварӣ дохилию хориҷии Ҳукумати кишвар буд, ифтитоҳи терминали нави фурӯдгоҳи байналмилалии Душанбе басо фараҳбахш буд.



Зимни боздиди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз як гурӯҳ ноҳияҳои минтақаи Қурғонтеппаи вилояти Хатлон доир ба рушди минбаъдаи онҳо тасмимҳои ҷиддӣ гирифта шуд.

Дар ноҳияи Панҷ як меҳмонхонаи муосир, маркази савдои «Файзи Кабир» ва як коргоҳи дӯзандагӣ ба кор даровардa шуд.

Зимни мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сершумори мардуми ноҳияи Панҷ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нишондодҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро дар солҳои охир мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода, барои суръат бахшидан ба корҳои созандагию бунёдкорӣ, афзун намудани нишондодҳои истеҳсолӣ ва ҷойҳои нави корӣ, истифодаи пурсамар аз заминҳои корам, хусусан заминҳои обӣ, васеъ ба роҳ мондани кишти такрорӣ, афзун намудани майдони кишти сабзавоти барвақтӣ ва дигар тадбирҳои муҳим ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

Дар ноҳияи Қумсангир Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо рафти татбиқи амалии барномаи маҳаллии азхудкунии заминҳои бекорхобида ва аз гардиши кишоварзӣ берунмонда шинос шуд.

Тавре зикр гардид, дар доираи ин тадбир дар ноҳияи Қумсангир 6500 га замин обёрӣ мешавад ва ё тавассути барқарорсозии шабакаҳои обрасонӣ дубора ба гардиши кишоварзӣ ворид мегардад. Барои амалӣ намудани ин тасмим ҷалби беш аз 100 миллион сомонӣ сармояи мустақими соҳибкорони ватанию хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Беш аз 80 адад техникаю механизмҳои пуриқтидори заминсозӣ, оббарорӣ ва кишоварзӣ ворид карда шудааст.

Ин кор дар мавзеъҳои Қародуми 1, Панҷи Поён, Шӯркул ва ғайра анҷом дода мешавад. Дар доираи татбиқи ин барнома маҳаллаҳои нави аҳолинишин бо зербинои иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабу бемористонҳо бунёд ёфта, беш аз 18 ҳазор ҷойҳои нави корӣ муҳайё мегардад. Аз ҳозир ба ин мавзеъҳо аз ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва дигар минтақаҳои кишвар мардум барои кор ва зисти доимӣ ҷалб мешаванд. Аҳолии аз дигар минтақаҳо ба ин ҷойҳо кӯчида солҳои аввал бе пардохти андоз ва дигар имтиёзҳо кору зиндагӣ хоҳанд кард.

Дар ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ ба бунёди биноҳои сеошёнаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 33, ки барои 1280 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст, асос гузошта шуд.

Тибқи супориши дигари Сарвари давлат беморхонаи ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ мавриди навсозии куллӣ қарор гирифта, бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз карда мешавад.

Дар ноҳияи Ҷиликул бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон корхонаи асфалт ва бинои нави беморхонаи марказӣ ифтитоҳ ёфта, ба сохтмони мактаби муосир барои 640 хонанда дар 2 баст оғоз бахшида шуд.

Дар ноҳияи Қубодиён ба сохтмони мактаби замонавӣ барои 640 хонанда дар 2 баст, хобгоҳи омӯзгорон ва мактаб-интернат барои 240 хонандаи ятиму бепарастор ва аз оилаҳои ниёзманд оғоз ёфт.

Дар деҳаи Ҳаваскори ин ноҳия Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба хонаи деҳқони асил Тулқун Кучаров ташриф оварда, бо таҷрибаи пешқадами сабзавоткории аҳли хонаводаи ӯ бевосита шинос шуд.

Зимнан аён гардид, ки ҳар як ваҷаб замин дар ин ҷо пурсамар истифода мешавад. Аз ҳамин қитъаи замин аҳли ин хонавода дар як сол 3 ва зиёда ҳосил мерӯёнанд. Дар як замин ҳамзамон якчанд намуди зироат корида мешавад, ки ҳар яке пайи ҳам пухта мерасад ва дар ҷойи зироати ҷаъоваришуда дигараш кошта мешавад. Танҳо аз бодиринги қитъаи замини наздиҳавлигӣ, ки ҳамагӣ 20 садяк аст, онҳо 25 тонна бодиринг ҷамоварӣ кардаанд. Онҳо ҳамчунин карам, бойимҷон, сабзӣ, қаламфур ва дигар намуди сабзавот парвариш мекунанд.

Заминро онҳо тавассути сохтани гармхонаҳои муваққатӣ чор фасли сол пурсамар истифода мебаранд. Ҳамаи аъзои ин хонаводаи Тулқун Кучаров ва наздиконаш ризқи фарохи худ аз сабзавоткорӣ ҳосил мекунанд.

Дар деҳаи Ҳаваскор мисли онҳо 200 хонавода будааст, ки бо чунин сабзавоткории намунавӣ машғул шуда, дар таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ бо сабзавоти тару тоза, аз ҷумла сабзавоти зимистона ва барвақтӣ саҳми намоён мегузоранд.

Дар ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлоли Тоҷикистони ноҳияи Қубодиён Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо кори намунавии аъзои хоҷагии деҳқонии Навбаҳор шинос шуд.

Чунонки иттилоъ доданд, ин хоҷагӣ 22 га замини корами обӣ дар ихтиёр дошта, дар 15 га пахта ва дар 7 гектари он шолӣ кишт намудаанд.

Шолии хоҷагӣ кишти такрорӣ буда, баъди ҷамъоварии ҳосили гандум корида шудааст. Аҳли заҳмати хоҷагӣ аз ҳар гектари гандум ба ҳисоби миёна 50 сентнерӣ ҷамъоварӣ кардаанд ва бовар доштанд, ки аз шолӣ ҳам 50 сентнерӣ ба даст меоранд, зеро ҳосили он фаровон буд.

Дар мавзеи Фахрободи ноҳияи Хуросон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо натиҷаҳои фаъолияти боғу токпарварони ин мавзеъ ошно гардида, бевосита дар ҷамъоварии себ, ангур ва челон иштирок намуд ва ба кори аҳли заҳмати хоҷагӣ баҳои баланд дод.

Дар маркази ноҳияи Хуросон бинои нави беморхонаи марказӣ ифтитоҳ ёфт, ки бо харҷи қариб 13 миллион сомонӣ маблағҳои грантии Ҷумҳурии Федеролии Олмон сохта ва бо таҷҳизоти навтарини ин соҳа аз ширкати олмонии Сименс таъмин карда шудааст.

Дар ҷамоати деҳоти Ҳилолии ноҳияи Хуросон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз хоҷагии зотпарварии Саодат дидан карда, коргоҳи коркарди шири онро расман ба кор даровард.

Дар фермаи зотпарварии ин хоҷагӣ барои парвариши беш аз 1000 сар чорвои калони хушзоти ширию гӯштӣ шароити инноватсионӣ бо технологияи олмонӣ муҳайё карда шудааст.

Дар ҳамин ҷамоат ҳамчунин корхонаи нави коркарди пахта, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Фирдавс Валиев бунёд ёфтааст, ба кор даровварда шуд, ки бузургтарин чунин корхона дар Тоҷикистон буда, метавонад дар як шабонарӯз 800 тонна ва дар як сол беш аз 60 ҳазор тонна пахтаро коркард намояд.

Бунёдкорони ин корхона тасмим доранд, ки оянда наздик боз корхонаи равғанкашӣ ва корхонаи коркарди чигити тухмӣ таъсис дода, минбаъд бо бунёди силсилаи корхонаҳои коркарди амиқи нахи пахта, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоиро ба роҳ монанд.

Дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон муассисаи давлатии Хона- интернати беморони рӯҳӣ барои калонсолон ва як мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 2400 нафар хонанда дар ду баст ифтитоҳ ёфт.

Дар ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон ба бунёди бинои сеошёнаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1280 хонанда дар ду баст асос гузошта шуд.

Дар ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон корхонаи абрешимресии «Дук» ба кор даровварда шуд, ки нахустин чунин корхона дар вилояти Хатлон мебошад. Ин корхона аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Додарбек Мунавваров бунёд ёфта, дар он 50 нафар, асосан занону духтарони маҳаллӣ, соҳиби кори доимӣ шудаанд.

Корхона бо технологияи муосири чинӣ муҷаҳҳаз буда, имкон дорад, ки дар як сол беш аз 70 тонна пиллаи хомро коркард намуда, аз он риштаи хушсифати абрешим истеҳсол намояд.

Дар назди ин корхона ба сохтмони корхонаи дуюми ин соҳибкор, ки барои атласбофӣ пешбинӣ шудааст, оғоз бахшида шуд. Дар ин корхона 40 нафари дигар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мешаванд. Иқтидори лоиҳавии корхона имкон медиҳад, ки дар як басти корӣ ё худ 8 соат беш аз 500 метри мураббаъ атлас истеҳсол шавад.

Дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, ки ба моҳи ноябр рост омад, як зумра корхонаҳои истеҳсолӣ бо садҳо ҷойи нави корӣ ва як мактабу як бинои иловагӣ дар беморхонаи марказии ноҳия ба кор даровварда шуда, ба оғози сохтмони чанд корхонаи нави саноатӣ асос гузошта шуд.

Ҳангоми оғози сохтмони 2 корхонаи истеҳсоли варақаҳои гаҷкартонӣ ва дигар масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки яке бо иқтидори 10 ҳазор маҳсулот дар як шабонарӯз то моҳи июни соли 2015 ва дуввумӣ то моҳи декабри соли 2015 ба кор медароянд ва беш аз 300 нафар бо кори доимӣ таъмин хоҳанд шуд.

Ташаббускорони бунёди ин корхонаҳо тасмим доранд, ки бо чунин маҳсулот натанҳо бозори дохилии Тоҷикистонро пурра таъмин намоянд, балки содироти онро ба хориҷи кишвар низ ба роҳ монанд.

Дар ҷамоати деҳоти Чоргули ноҳияи Ёвон бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон корхонаи муосири паррандапарварӣ бо иқтидори солонаи 1800 тонна гӯшти мурғ ба кор шуруъ намуд, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Нуриддин Нуралиев бунёд ёфтааст.

Дар ҷамоати деҳоти Даҳанаи ноҳияи Ёвон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмони корхонаи нави семент оғоз бахшид, ки дорои иқтидори солонаи 1,2 миллион тонна буда, дар он беш аз 1000 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин хоҳанд шуд.

Дар ҳудуди ҳамин корхона ҳамчунин коргоҳи истеҳсоли варақаҳои гаҷкартонии сохтмонӣ бо иқтидори солонаи 1 миллион метри мураббаъ ва коргоҳи халтаҳои қоғазӣ бо иқтидори 80 миллион халта дар як сол бунёд хоҳанд ёфт.

Аз ҷониби ин соҳибкорон то моҳи сентябри соли 2015 як мактаби нави замонавӣ ҳам сохта, ба мардуми ноҳия тухфа карда мешавад. Бо иқдоияти Сарвари давлат онҳо ҳамчунин уҳдадор шуданд, ки пас аз ба кор даровардани корхонаи семент дар ин ноҳия боз як мактаби замонавӣ барои 1300 хонанда дар ду баст ва як толори муосири варзишӣ бунёд намоянд.

Дар беморхонаи марказии ноҳия, ки дар ҷамоати шаҳраки Ёвон қарор дорад, як бинои нави иловагӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ин бино бо стандартҳои аврупоӣ бо таҷҳизоти муосири таваллудхона, ҷарроҳӣ ва эҳёгарӣ бо харҷи 14 миллион сомонӣ маблағҳои грантии Ҳукумати Ҷумҳурии Федеролии Олмон сохта ва таҷҳизонида шудааст.

Ба иттилои роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ин дуввумин чунин таваллудгоҳи муосир дар вилояти Хатлон аст. Якумаш дар ноҳияи Хуросон ифтитоҳ ёфта буд. Дутои дигар ҳамин гуна таваллудхонаҳо дар ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Фархор ба кор омадаанд. Ояндаи наздик ду тои дигар ҳамин гуна таваллудхонаҳо бо мақоми вилоятӣ дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппа сохта мешаванд. Тибқи барномаи дарозмуддати ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Федеролии Олмон ҳамин гуна таваллудхонаҳо дар тамоми ноҳияҳои вилояти Хатлон бояд сохта шаванд.

Бунёду навсозии муассисаҳои тиббӣ, аз ҷумла таваллудхонаҳои муосир дар бисёр минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Дар маркази ноҳияи Ёвон бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин як маҷмааи истеҳсолию хизматрасонӣ, ки аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Илҳом Мирзоев бунёд ёфтааст, ба кор даровварда шуд.

Ин маҷмаа дар бинои нави чорошёна бо таххона ҷойгир шуда, аз корхонаи ҷӯроббофӣ, корхонаи дӯзандагӣ, маркази савдо ва ошхонаи ҷамъиятӣ иборат аст.

Дар ин маҷмаа ҳоло ҳамагӣ 105 нафар бо кори доимӣ таъмин шудаанд. Соҳибкори номбурда бо падару бародаронаш тасмим доранд, ки корҳои истеҳсолию хизматрасониро дар ин бино ва атрофи он идома дода, дар муддати кӯтоҳ беш аз 600 ҷойи корӣ муҳайё созанд.

Дар ҷамоати деҳоти Ҳасан Ҳусейнови ноҳияи Ёвон мактаби нави ҳамагонӣ барои 640 хонанда дар 2 баст ифтитоҳ ёфт, ки аз ҷониби соҳибони корхонаи муштараки Хуаксин «Ғаюр Семент»-и ноҳия барои мардуми деҳаҳои Ҳасанӣ ва Дарағӣ бунёд гардидааст.



Роҳбари корхонаи муштараки «Хуаксин Ғаюр Семент» Акбар Ғуломов изҳор дошт, ки то соли оянда боз як мактаби дигар барои 1300 хонанда дар ду баст ва як боғчаи кӯдакона сохта ба истифода медиҳанд.

Дар ноҳияи Ёвон боз як корхонаи коркарди пахта ба кор даровварда шуд, ки дорои иқтидори коркарди 15 ҳазор тонна пахта дар як сол мебошад.

Дар паҳлӯи ин корхона Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди корхонаи равғанкашӣ асос гузошт.

Дар ин ноҳия Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо кори гармхонаҳои парвариши сабзавоти барвақтӣ бевосита шинос шуд.

Чунонки иттилоъ доданд, дар ин ҷо аз ҷониби ширкати чинии «Ҷинян Инхай»-и дар майдони 49 га замини корами обӣ 196 гармхона бояд бунёд ёбад. То он рӯз 139-тои он сохта шуда буд. Дар 39 гармхонаи омодашуда помидору бодиринг, қаламфуру бойимҷон ва дигар сабзавот парвариш меёбад. Ҳар як гармхона дар масоҳати 60 метри мураббаъ замин бунёд ёфта, ҳосили интизорӣ аз як гармхонаи помидор ё бодиринг 10 тонна маҳсулот аст. Ҳадаф аз бунёди ин корхонаҳо пурра таъмин намудани талаботи бозори дохилӣ бо сабзавоти барвақтӣ дар фасли зимистон ва аввалҳои баҳор ва ба роҳ мондани содироти он ба хориҷи кишвар аст.

Дар ин ҷо 125 нафар ба таври доимӣ кор мекунанд, ки 110 нафари онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд.

Оянда шумораи коргарон дар ин ҷо то ба 200 нафар расонда мешавад.

Дар ҳамин ҷо ҳамчунин бунёди сардхона барои нигоҳдории 1000 тонна сабзавоти тару тоза ва коргоҳи бастубанди маҳсулот дар назар аст.

Дар ҷамоати деҳоти Даҳанаи ноҳияи Ёвон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо кори 4 гармхонаи дигар шинос шуд, ки аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Наврӯз Ҷонмаҳмадов бо бародаронаш бунёд ёфтаанд.

Тавре аён гардид, усули кори ин гармхонаҳо дигар буда, вале маҳсули фаъолияташон хуб аст. 4 гармхона дар масоҳати умумии 2 га бо харҷи 200 ҳазор сомонӣ бунёд ёфтааст. Ба иттилои бародарони соҳибкор ин хароҷот дар як мавсими ҳосилгундорӣ натанҳо пӯшонда мешавад, балки фоида ҳам ба даст меояд, зеро аз 4 гармхона қариб 100 тонна помидору бодиринг ҷамъоварӣ мешавад.

Моҳи октябри соли 2014 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватанӣ мулоқоти судбахш анҷом дод.

Сарвари давлат афзудани миқдори субъектҳои соҳибкориро дар рушди иқтисодиёти кишвар раванди мусбӣ номида, зикр намуд, ки дар чор соли охир шумораи онҳо аз 186,5 ҳазор ба 293 ҳазор расидааст ва афзоиши он дар маҷмӯъ 57 фоизро ташкил менамояд.

Таъкид гардид, ки аз 40,5 млрд. сомонӣ ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти умумии кишвар дар соли 2013 зиёда аз 63 фоизаш ба бахши хусусӣ рост меояд.

Аз ин хотир, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкорону сармоягузорони ватанӣ арзи сипосу қадршиносӣ карда, таъкид дошт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд барои боз ҳам беҳтар намудани фазои ҳуқуқии кори онҳо ҷаҳду талош хоҳад кард.

Президенти кишвар вобаста ба таклифу пешниҳодҳои суд-манди иштироккунандагони мулоқот ба мақомоти дахлдор супоришҳои мушаххас дод.

Соли 2014 дар ҷумҳурӣ 2 санаи муҳими таърихӣ низ таҷлил карда шуд, ки яке солгарди 20-уми қабули бахтномаи миллат Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дуввумӣ 90-солагии шаҳри зебои Душанбе буд.

Ба истиқболи 20-солагии қабули Конститутсияи кишвар, аз ҷумла Қонуни авфи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид, ки он нисбати зиёда аз даҳ ҳазор гумонбаршудаҳо, айбдоршавандаҳо, судшавандаҳо ва маҳкумшудагон татбиқ карда мешавад.

Қабул ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" амали инсондӯстона буда, барои ба кору зиндагии осоишта ва муҳити оила баргардонидани шахсони ҷиноятсодирнамуда ва ислоҳ гардидани онҳо мусоидат хоҳад кард.

Ба истиқболи солгарди 90-уми пойтахти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе бошад даҳҳо иншооти таъиноти гуногун мавриди истифода қарор гирифт ва рӯзи 19-уми октябр ба ин муносибат дар Боғи Наврӯзгоҳ карнавали бошукӯҳи идона баргузор шуд, ки дар он Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, роҳбарияти олии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон, меҳмонони сершумор аз дохилу хориҷи мамлакат ва сокинони бешумори Душанбешаҳри нозанин иштирок намуданд.

Моҳи ноябр дар пойтахт 3 коргоҳи нави Комбинати шири шаҳри Душанбе пас аз навсозӣ ва дубора ба кор даровардани биноҳои бекорхобидаи он бо 152 ҷойи кори иловагӣ ифтитоҳ ёфт. Инҳо коргоҳҳои маҳсулоти ширӣ барои кӯдакон, истеҳсоли панирҳои гуногун ва зарфҳои якбормасрафи пластикӣ мебошанд. Дар ин коргоҳҳо ҳоло 93 намуди маҳсулоти ширӣ ва тамоми намуди зарфҳои пластикии якбормасрафи барои ин маҳсулот зарурӣ истеҳсол карда мешавад.

Ҷойи таъкид аст, ки шаҳри Душанбе солҳои охир бо вусъати назарраси бунёдкорию созандагӣ симои наву зебо ба бар мекунад. Дар кӯчаи Карамови пойтахт зимни шиносоии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо рафти сохтмони маҷмааи универсалии варзишии Пойтахт-90, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки дар майдони қариб 10 гектари ин мавзеи зебо қасрҳои варзишии болопӯшидаву нимпӯшида ва ҳам майдону майдончаҳои гуногун барои теннис, ҳавзҳои хурду миёна ва бузург барои шиноварӣ ва дигар намудҳои варзиши обӣ ва ҳамчунин қасри намудҳои варзиши рӯйи ях бо навтарин стандартҳои ҷаҳонӣ сохта мешаванд. Ин маҷмаа дорои толорҳо ва майдонҳои гуногуни варзишӣ мешавад, ки ҳар яке аз дар он 150 то 3000 ҷойи нишаст барои тамошобинон доранд. Аз ҷумла 7 майдони омӯзишии теннис дар яке 150 ҷойи нишаст ва қасри теннис 3 ҳазор ҷойи нишаст хоҳанд дошт. Қасри калони варзиши обӣ бошад дорои 2 ҳазор ҷойи нишаст мешавад.

*(Давом дорад)*

**Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА,**
*доктори илмҳои таърих, профессор,*
**Заробиддин ҚОСИМӢ**

# РӮЗИ МАТБУОТ Ё РӮЗИ ВАО?

**Ҳамасола 11 март дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзи матбуоти тоҷик таҷлил мешавад. Соли равон ин санаи фархунда дар Театри академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ дар шаҳри Душанбе бо иштироки васеи намояндагони воситаҳои ахбори омма ва меҳмонону собиқадорони соҳа ҷашн гирифта шуд.**




**З**ИМНИ таҷлили 103-солагии матбуоти тоҷик Акбари Саттор, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон барандагони ҷоизаи ба номи Абулқоим Лоҳутӣ дар соли 2014-ро эълон кард.

Ҳамин тариқ, Нигинаи Муъмин, хабарнигори шабакаи телевизионии "Сафина" дар бахши телевизион, Абдуғаффор Убайдуллоев дар бахши радио, Масрури Абдулло ва Сироҷиддин Икромӣ дар бахши илм ва таълими журналистика ва Абдувоҳиди Зевар ва Эркин Шукур дар бахши матбуот барандагони ҷоизаи ба номи А. Лоҳутӣ донista шуданд.

Инчунин Ҷоизаи ба номи профессор Воҳид Асрориро, ки аз ҷониби Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва факултети журналистикаи ДМТ барои донишҷӯёни фаъоли ин соҳа таъсис дода шудааст, Одили Нозир ва Рухшона Ҳакимова соҳиб шуданд.

Чун ҳарсола дар Рӯзи матбуоти тоҷик, Вазорати фарҳанг ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тухфасупории кормандони ВАО пардохтанд.

Аз ҷониби Шамсиддин Орумбекзода, вазири фарҳанг чанд нафар кормандони ВАО ва собиқадорони ин соҳа бо мукофотҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон нишони "Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гардонида шуданд. Ҳамчунин як қатор ҳафтаномаҳову моҳномаҳои ноҳиявӣ, телевизионҳо ва радиоҳо бо "Ифтихорнома"-и вазорати мазкур қадр карда шуданд.

Аз ҷониби Вазорати маориф ва илм низ теъдоде аз намояндагони радиову телевизион ва нашрияву оҷонсиҳои иттилоотӣ бо "Ифтихорнома" тақдир шуданд.

Дар фарҷоми ин ҳамоиш аз ҷониби ҳунармандони шинохтаи ҷумҳурӣ барои ҳозирин як барномаи консертӣ низ тақдим гардид.

Муҳимтарин нуктаҳои Рӯзи матбуоти тоҷик имсол чӣ буд? Кушодани чеҳраҳои нав ва муаррифии ҳафтаномаву "гоҳнома"-ҳои ношинос...

Нахуст ин, ки Вазорати фарҳанги кишвар хеле лутф намуда, баъзе маҷаллаву ҳафтанома ва ҳатто моҳномаҳоеро қадршиносӣ кард, ки то имрӯз аз мавҷудияти онҳо теъдоди ангуштшумори хонандагон бохабар буданд. Ин аз як ҷониб шояд мояи ҳайрат ҳам буд, чун ҳафтаномаву маҷаллаҳои бонуфузтар аз ин "лутф" бебаҳра монданд. Агар мизони қадршиносӣ то кадом андоза дар рушди фарҳанг, матбуот ва маънавиёти ҷомеа саҳм гузоштани рӯзномаву маҷаллаҳо бошад, пас ин иқдом воқеан ҳайратовар аст. Агар танҳо ба хотири муаррифии матбуоти камранг ва камтеъдод аз ин иқдом кор гирифта бошанд, ин таҷрибаи навро "муборак" мегӯем.

Ҳамин усули қадршиносӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми кишвар низ сурат гирифт, ки ба эшон ҳам ин "иқдоми тоза" муборак бошад.

Ва як "муборакбодӣ"-и дигар ба Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, ки аз ин сабқат дар канор намонд ва Акбари Саттор ҳангоми муаррифии як нафар аз соҳибҷоизаҳо (манзур ҷоизаи ба номи А.Лоҳутӣ) шӯхиомез луқма партофтанд, ки "агар мақолаҳояшонро мехондед, баъд худатон қоил мешудед!".

Ҳароина дар матлаби мо шояд каме оҳанги танз ба назар расад, гумон мекунем лаҳни шӯхиомези он маложи хотири ташкилкунандагони ҷашни Рӯзи матбуот намегардад. (Вагарна Худо накунад, ки ҷиддитар гӯему соли оянда комилан аз "лутф" бенасиб монем).

Дар фарҷоми матлаб аз роҳбарияти Вазорати фарҳанг ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон хоҳиш менамоем, ки ғайр аз рӯзи матбуоти тоҷик, ки дар он кормандони радиову телевизион низ ҳамасола фаровон қадршиносӣ мешаванд, боз рӯзи радио ва телевизион тоҷикро низ ба ҳамин густурдагӣ ҷашн бигиранд ва рӯзноманигоронро низ дар ин ҷашнҳо даъвату тақдир кунанд, то ба ҷои як ҷашни қисматшуда соҳиби се ҷашн шавем.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

---

11 март - Рӯзи матбуоти тоҷик

# ВАО созанда бошад, на сӯзанда!

**Матбуот дар ҳама давру замон инъикосгари ҳаёти ҷомеа ва раванди воқеаву рӯйдодҳои зиндагист. Рисолати азалии ӯ бояд созанда бошад, на сӯзанда. Сокинони ҷумҳурӣ дар замони муосир нисбати ВАО чӣ андешаву мулоҳиза доранд? Посухи ин саволро аз одамони касбу кори гуногун ҷӯё шудем.**

**Абдуҷалил Бобокалонов, профессор, муовини аввали раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Суғд:**



- Ҳамчун олим бо матбуоти даврӣ робитаи хеле мустаҳкам дорам. Саҳми матбуоти даврӣ на танҳо дар пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, балки рушду нумӯи илм басо калон аст.

Иловатан ВАО дар замони соҳибистиқлолии кишвар мақому манзалати нав ба худ касб карданд. Дастовардҳои замони соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамонро ҳаматарафа инъикос месозанд, ки ин хизмати назарраси онҳост дар мустаҳкам намудани пояҳои истиқлолияти миллии мо. Ҳамзамон ВАО дар таҳкими Ваҳдати миллӣ ва ташаккули хештаншиносиву ватандӯстӣ ва огаҳсозии мардуми кишвар аз таърихи куҳани мо саҳмгузор аст. Матбуот ифодакунандаи орзуву омоли халқу миллати мост.

**Наим Маликисломов, раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд:**

- ВАО-ро дар замони шӯравӣ "рукни чаҳорум" мегуфтанд, ки ба фикри ман ин мақол имрӯз ҳам моҳияту аҳамияти худро гум накардааст. Алалхусус вай бо навиштаҳои худ метавонад барои расидан ба ҳадафҳои



сиёсӣ хеле хуб мусоидат намояд. Аз ин рӯ, агар ба таърих назар афканем, дар замони худ асосгузори давлати советӣ В.И.Ленин рӯзномаи "Искра" (имрӯза "Известия")-ро дар хориҷа таъсис доду тавассути он ба зеҳн ва мафкураи мардум зарурати дигар кардани сохти ҷамъиятро ҷой кард. Натиҷа чунин шуд, ки чанд муддат баъд Инқилоби Октябр ғалаба кард ва дар ҷомеаи инсонӣ сохти нав-ҷамъияти сотсиалистӣ арзи ҳастӣ кард.

Зарурати доро будани матбуоти худиро мо эҳсос кардем ва соли гузашта нашрияи КИ ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд "Шафақ"-ро таъсис додем, ки чанд шумораи аввалини он ба дасти хонандагон расид.

Мо қарор додем, ки аз хабару мақолаҳои оддиву обшуста бештар маводҳои таҳлиливу танқидии беғаразро дарҷ намоем, ки имрӯз ҷомеа ба он бештар ниёз дорад.

**Ҳафиз Сайфуллоев, собиқадори матбуот, нависанда:**

- Рисолати азалии ВАО ин созандагист, на сӯзандагӣ. Вай тамоми воқеаву рӯйдод, дастоварду муваффақиятро бояд ба таври воқеӣ инъикос намояд.



Ҳатто танқидро ба умеди ислоҳаш нависад. Дар навбати худ муассисони ВАО-ро низ, дар назар дорам, нашрияҳои расмии ҳукумати маҳаллиро ба матбуот на чун воситаи ороиш, балки чун василаи ёридиҳандаи пешрафти кораш баҳо диҳад. Ба қавле чун гӯшу ҳуши худ муносибат кунад ва ба бароmadҳои он эътибор диҳад. Ба андешаи ман он вақт метавонад матбуот дар тараққиёти ҷомеа саҳми муносиб гузорад.




**Ҳавасҷон Раҳимов, роҳбари ташкилоти ибтидоии ҲХДТ, Аълочии Роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- Матбуот, хусусан рӯзномаро хеле дӯст медорам. Зеро, он инъикоскунандаи ҳаёти ҳаррӯзаи мост. Аз худи номаш бармеояд, ки вай "номаи рӯз" аст. Ин аст, ки дар маъракаи обуна аз аввалиҳо шуда ба нашрияҳои ҷумҳуриявии "Минбари халқ"-у "Ҷумҳурият" обуна мешавам.



Дар ҳамин мавридд мехостам саҳми нашрияи "Минбари халқ"-ро дар тарғиби дастовардҳои ҳизбиёни ҷумҳурӣ ва баланд гардидани обрӯву эътибори ҳизби пешбари ҷомеа дар алоҳидагӣ қайд намоям.

Як таманно дорам аз аҳли қалам, ки бештар маводи таҳлилӣ дарҷ намоянд, ки имрӯз ҷомеа ба он ниёз дорад. Ба фикрам аз таърифҳои хушку холӣ дида, мақолаҳои таҳлилӣ манфиатшон ба мардум бештар мерасанд. Онҳо ба одамон роҳи ҳалли мушкилотро нишон медиҳад. Дар рӯзи иди касбӣ ба кулли аҳли қалам, чӣ кормандони рӯзномаву чӣ телевизион орзуи онро дорам, ки ҳамеша тансиҳату хонаобод ва мурғи илҳомашон доимо баландпарвоз бошад.

**Мусоҳиб М.МАҚСУДОВ**



# ПАЁМ ДАР МЕҲВАРИ ТАВАҶҶУҲИ БОНУВОНУ ҶАВОНОН

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

Аз ин рӯ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ҷиҳати таъсиси марказҳои ҷавонон чораҳои судманд роҳандозӣ намоянд.

Ба шуғл фаро гирифтани ҷавонон ҳамчун нишондиҳандаи беҳ будани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ маҳсуб мегардад ва ин амал фаъолияти мувофиқашудаи мақомоти давлатиро бо ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати ба кор фаро гирифтани ҷавонон, бахусус кӯдакони ятим, шахсони ҷавони имкониятaшон маҳдуд, ҷавонони аз маҳали иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд, тақозо менамояд.

Дар ин самт зарур аст доираи ҳамкориҳо бо ҷавонони бешуғл ва бозорҳои корӣ таҳким бахшида шавад.

Суръати баланди раванди ҷаҳонишавӣ ва дар ин замина ҷалби фарогири ҷавонон ба пайравӣ аз созмону ташкилотҳои мухталиф моро водор месозад, то пеш аз ҳама ба масъалаи тарбияи дурусти ин табақаи муҳими ҷомеа таваҷҷуҳи бештар дошта бошем. Вақтҳои охир падидаҳои номатлубе чун гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои тундрав дар кишвари мо низ мушоҳида мешавад, ки ин боиси ташвиш аст. Махсусан ҷалби ҷавонон ба равияҳои мазҳабии ифротӣ ва ҳатто ширкати онҳо дар амалиётҳои ҷангии кишварҳои хориҷ хеле нигаронкунанда аст, зеро табиист, ки ин зуҳуроти номатлуб барои ҳамаи кишварҳо оқибатҳои ногувор ва хатарнокро ба бор оварда истодааст. Ба ин хотир бояд аз тамоми имконоти мавҷуда самаранок истифода шавад, то ҷавонони мо фирефтаи ташвиқоти гурӯҳҳо ва манфиатҳои ғаразноки бегонагон нашаванд.

Бо назардошти муҳимияти масъала масъулони Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ, вазоратҳои маориф ва илм, корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Хадамоти муҳоҷират ва ниҳодҳои онҳоро лозим аст, ки фаъолиятро дар самти пешбурди корҳои тарбиявӣ ва ташаккули шахсият дар мактабҳо, омӯзишгоҳҳо, литсейҳо, донишгоҳҳо ва дар маҷмӯъ дар байни оммаи ҷавонон ва бахусус онҳое, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, пурзӯр намоянд, то ки дар мафкураи ҷавонон дарку эҳсоси ватандӯстӣ, хидмат ба Ватан-Модар, ташаккул ёфтан ҳамчун як шахсияти худогоҳи мамлакат тарғиб ва талқин карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки дар самти таблиғу ташвиқи эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои муқаддаси миллӣ ва дар ин замина тарбияи ҳисси ватандӯстии ҷавонон Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун дастгоҳи пуриқтидори таблиғотӣ метавонад саҳми арзанда дошта бошад. Аз ин рӯ кормандони ин соҳаи муҳими идеологиро зарур аст, ки аҳолии кишвар ва берун аз онро аз рӯйдодҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ воқеъбинона воқиф намоянд.

Дар ин самт зарур аст, вохӯриҳо бо ҷавонони ноҳияҳои дурдаст ба роҳ монда шуда, гурӯҳҳои тарғиботӣ барои баргузории вохӯрию мулоқотҳо дар сатҳи шаҳраку маҳаллаҳо, деҳа ва ҷамоатҳо аз ҳисоби донишҷӯёни лаёқатманд ва волонтёрон  дар вақти таътили тобистона ташкил карда шаванд.

Ҳамчунин, ҷиҳати пешгирии ҷинояткорӣ назорати толорҳои интернетӣ ва марказҳои дилхушӣ, ки яке аз омилҳои пайдоиши ҷинояту ҷинояткорӣ, ҷалби ҷавонон ба ҳар гуна маводҳои сахттаъсири мадҳушкунанда мебошанд, аз ҷониби Вазорати корҳои дохила ва сохторҳои алоқаманд ба роҳ монда шавад .

Бо ин мақсад дар Паёми имсолаи худ Сарвари давлат таъкид доштанд: "Ҳукумат ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида, ба ин нерӯи тавонои кишвар, ки марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунад, кишварро ободу зебо мегардонад ва номи ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардорад, ҳамеша такя менамояд".

Тайи солҳои охир дар соҳаи варзиши кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба назар мерасанд. Дар самти тарбияи баданӣ, ҷалби мардуми кишвар ба варзиш аввали соли 2015 бо мақсади ҳавасманд намудани ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва дар ин робита баланд бардоштани сатҳи иштироки варзишгарони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин мусобиқаҳо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ"аз 9 январи соли 2015 №328 ба имзо расид.

Боиси эътирофу хушнудист, ки натиҷаҳои варзишгарони мо дар дохил ва хориҷи кишвар сол аз сол беҳтару боло меравад. Варзишгарони мо соли 2014 дар 90 (соли 2013, 48) мусобиқаҳои байналмилалӣ бо теъдоди 1510 (соли 2013, 684) нафар ширкат намуда, натиҷаи дастовардҳо аз мусобиқаҳои байналмилалӣ ва чемпионатҳои ҷаҳон, Аврупо, Осиё ва ИДМ, аз ҷумла: медали тилло 250 (2013, 100), нуқра 243 (2013, 130), биринҷӣ 404 (2013, 231) мебошад.

Дар Паёми имсолаи худ Президенти кишвар ба дастовардҳои соҳа такя намуда таъкид доштанд: "Барои рушди солими ҷомеаи кишвар ва ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш тайи панҷ соли охир 19 варзишгоҳ, 621 майдонча ва 110 толори варзишӣ, 11 ҳавзи шиноварӣ ва 9 маҷмааи варзишӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Инчунин 2700 майдонча ва 635 толори варзишӣ, 14 ҳавзи шиноварӣ ва 5 маҷмааи варзишӣ таъмиру азнавсозӣ гардидааст".

Дар маҷмӯъ то имрӯз дар кишвар 8025 иншоотҳои гуногуни варзишӣ бунёд шуда, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Имрӯз Вазорати маориф ва илм, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳиро зарур аст, ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти мактабҳои варзишӣ чораҳои мушаххас андешанд ва таъсиси раёсат оид ба омодагии дифоӣ дар Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон андеша ва чораҷӯӣ намуда, пешниҳодҳо арза намоянд.

Дар давоми соҳибистиқлолии кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳаи туризм заминаҳои зарурии меъёрию ҳуқуқӣ ва инфрасохторию ташкилӣ фароҳам оварда шуда истодааст, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар маҳсуб мешавад.

Ин аст, ки бо қарори  Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2014, №738 "Дар бораи Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соли 2015 - 2017", яъне барномаи навбатӣ қабул карда шуд.

Қобили қайд аст, ки вазъи муътадили сиёсӣ-иҷтимоии кишвар, густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва ба маркази баргузории чорабиниҳои байналмилалии сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ табдил додани пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе, барои рушди соҳаи туризм таъсири мусбӣ расонида истодааст.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, сол аз сол ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба ҷумҳурӣ ба ҳайси сайёҳ соли 2014 213265 нафар (2013, 207911 нафар) зиёд гардида бошад ҳам, аммо то ҳанӯз захираҳои сайёҳии ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ ва мувофиқ ба меъёрҳои муосири байналмилалии сайёҳӣ истифода намешаванд.

Зарур аст, ки сектори хусусӣ дар ин самт ҷалб карда шуда самаранокии барнома ва стратегияҳои қабулшуда ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон лозим аст, ки дар соли 2015 аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ муаррифии имкониятҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар ба роҳ монда шуда, ба танзим даровардани фаъолияти ширкатҳои туристӣ, ки теъдоди он ба 60 адад мерасад, аз нав ба қайд гирфтани онҳо, таъсиси хатсайрҳои нави туристӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия ва вилоятҳо беҳбудӣ бахшида шавад.

Дигар бахши суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паём ба нақши занон дар рушди ҳаёти иҷтимоӣ, мавқеъю манзалати зан-модар, нигоҳдошту пойдории оила ва солимии он нигаронида шуд.

Имрӯз бонувони мо дар баробари мардон қобилияту тавоноӣ, маҳорат ва малакаашонро барои иштирок дар равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ самаранок ва озодона истифода мебаранд, ки таъмини ин кафолат аз рӯи принсипҳои умумии эътирофшуда, меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии қабулгардида ба роҳ монда шудаанд. Гувоҳи ин он аст, ки дар баробари Рузи модар ҳамасола дар кишвари мо Рӯзи байналмилалии оила бо шукӯҳ ва шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешавад.

Имрӯз моро зарур аст, ки сари баланд бардоштани фарҳанги хонаводагӣ, коҳиш додани талоқ байни оилаҳои ҷавон, масъулиятшиносии волидайн, иртиботи мактабу оиларо беҳтар ба роҳ монда, баҳри бунёди оилаи солим, пойдории суннатҳои тарбияи фарзанд ва пешрафти ҷомеаи обод кӯшиш ба харҷ диҳем.

Эълон шудани "Соли оила" ва баргузор намудани чорабинӣ ва озмунҳои гуногун ҷиҳати баланд бардоштани маърифати рӯзгор ва оиладорӣ, мақом ва нақши зан-модар дар оила ва ҷомеа аз чораҳои навбатии пешгирифтаи Ҳукумати кишвар мебошад, ки бори дигар аз таваҷҷуҳи хоса доштани мақоми зан-модар гувоҳӣ медиҳад. Боварӣ дорам, ки хоҳарону духтарон, бонувону занон вобаста ба эълон гардидани Соли оила саҳми худро дар пешрафту шукуфоии кишвари азизамон, тарбияи маънавию ахлоқӣ, ватанпарастию хештаншиносии наврасону ҷавонони намон хоҳанд гузошт.

Ин масъулияти бузург модаронро вазифадор месозад, ки дар баробари нигоҳубину парасторӣ ва камолоти маънавию ҷисмонии фарзандони худ, онҳоро дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ҳуввияту ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳомии марзу бум будан тарбия намоянд.

Новобаста ба он ки дар ин самти якчанд Барномаҳои давлатӣ ва Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 қабул гашта, татбиқ шуда истода бошад ҳам, масъалаҳое пешорӯи мо қарор дорад, ки ҳалли он меҳнату талоши ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Имрӯз сохторҳои масъулро зарур аст ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти хонашинҳоро такмил дода шуда, механизми нави рушди фаъолияти онро таҳия ва ба роҳ монанд. Ин амал имкон медиҳад, ки садҳо нафар занону модарони хонашин ба шуғл фаро гирифта шаванд.



**Носир БӮРИЕВ,**
***мушовири Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа***

Кумитаҳои кор бо занон ва оила, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки корҳои тарғиботӣ ва пешгирикунандаро дар байни аҳолӣ пурзӯр намоянд.

Ҳамзамон сохторҳои марбутаро лозим аст, гузаронидани вохӯрию чорабиниҳо ва семинар-машваратҳо бо духтарон ва занони бешуғл, ташкили курсҳои касбомӯзӣ барои занони хонашин, самаранок ва шаффоф доир намудани озмунҳои грантҳоро ба роҳ монанд.

Дигар масъалаҳое, ки дар Паём мавриди ташвишу таъкид қарор гирифт, дар миёни ҷавонон ҳолати никоҳи хешовандони наздик ва волидайни гирифтори нашъамандӣ, ба дунё омадани кӯдакони маъюб ва боло рафтани сатҳи гирифторони бемории масунияти норасоии бадан мебошад.

Боиси хушнудист, ки мардуми кишвари соҳибистиқлоламон, махсусан ҷавонони бебоку бонувони оқилаи мо дар ҳамдастию ҳамдилӣ паси беҳбудӣ бахшидани ҳаёту ҷомеаи имрӯзи мо, амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаҳду талош намуда, ба қуллаи мурод мерасанд.

Минбари халқ
18 марти соли 2015,
№12 (991)



# ТОҶИКИСТОН

## ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ

**Дар ҳақиқат, бо шунидани ин калимаи мураккаб- нав ва рӯз ба назар ва мафкураи кас зебоӣ, гулу сабза, борони найсон, тиру камон, чаҳ - чаҳи мурғакони хушхон намудор гашта, кас ба оламаи зебоӣ фурӯ меравад.**

**О**РЕ, бо қудрати Худованд дар ин айём тамоми гулу гиёҳҳо ба сабзиш оғоз мекунанд. Ин иди миллии мардуми ориёнажод аст, гузаштагони мо онро бо тозагию ободкориҳо, дарахтшинонию тоза кардани гирду атроф, тамузи хонаю дар оғоз менамуданд. Чаро мардум бо ин иқдом даст мезананд? Пеш аз омадани Наврӯз фасли сармо, зимистон ҳукм меронад ва мардум аз мушкилиҳои зимистон монда шуда дар орзуи омадани рӯзи гарм, рӯзи Наврӯз буданд.

Аз ин ҷост, ки шоир гуфтааст:

***Наврӯз биё, ки дил пурармон дорем,***
***Се моҳи зимистон барфу борон дорем.***
***Аз сардии хонаву алови чакдон,***
***Ормон ба гулу чукриву торон дорем.***

Одатан, мардум дар зимистон ба орзуи баҳор мезиянд ва медонанд, ки "поёни шаби сиёҳ сафед аст" Аввалин нишонаҳои баҳорӣ гули бойчечак аст.

Ҳар сол Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомати хоса вориди хонадони мардуми мо мегардад. Наврӯзи фархундапай, ки бо қудуми мубораки худ замину замонро ҷилову хуррамӣ мебахшад, дар замони Истиқлолияти давлати Тоҷикистон шукӯҳи тоза касб кард.

Таҷлил аз ин ҷашни бостонӣ ҳамчун мероси муқаддас, покизаву зебо, баҳори эҳёи табиат сол ба сол дар сатҳи беҳтару баландтар ва фазои истиқлолу ваҳдат сурат мегирад. Ин ҳама аз сарҷамъӣ, тинҷию сулҳу субот маншаъ мегирад. Наврӯз ҷашни дӯстӣ, ба ҳам омадан аст. Мардум якҷоя маърака меороянд, базмҳои суруду мусиқӣ ташкил мекунанд, бузкашию, гуштигирӣ ва дигар бозиҳои варзишӣ дар Наврӯз хеле зебову диданӣ мешавад. Дар ёдам ҳаст, ки солҳои донишҷӯӣ дар гирду атрофу шаҳри Кӯлоб Наврӯзро бо номи "Дарвешона" мегузаронданд. Пухтани хӯрокҳои миллӣ, гузаронидани мусобиқаҳои гуштингирӣ, дар ин ҷашнҳо бо куртаи чакан иштироки гулдухтарон ба кас хотираи амиқи худро гузошта, як умр аз ёдҳо зудуда намегардад.

Дар зинда гардонидан, шукӯҳи нав бахшидан, ҷаҳонӣ шудани ин ҷашни ниёгон хизмати Раиси ҲХДТ, Президенти мамлакат хеле бузург аст. Маҳз бо ташаббуси Сарвари мо Эмомалӣ Раҳмон ҷашни Наврӯзро ҳамчун мероси маънавии инсоният ба феҳристи ёдгориҳои ғайримоддии Созмони Милали Муттаҳид дохил карданд. Далел он аст, ки бо ташаббуси Сарвари давлатамон дар ҳамбастагӣ бо сарони дигар кишварҳои ҳавзаи Наврӯз ин иди фархундапай аз сӯи Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид ҷашни ҷаҳонӣ эълон шуд.

Шурӯъ аз соли 2010, баъди ҷаҳонӣ эълон шудани он дар ҳавзаи кишварҳои меросбар ба шумули Тоҷикистон, Эрон, Покистону Афғонистон ва дигар давлатҳои минтақа Наврӯз якҷоя таҷлил мешавад.

Сарвари давлати мо дар яке аз суханрониҳои худ зимни баргузории ин ҷашни байналмилалӣ дар Душанбе изҳор дошт, ки "эътирофи Наврӯз аз сӯи Созмони Милали Муттаҳид ҳаргиз иқдоми тасодуфӣ нест". Зеро ба андешаи Сарвари давлат Наврӯз на танҳо ба рушди тамаддуни башарӣ саҳмгузор аст, балки беш аз ҳар вақти дигар ба арзишҳои ахлоқии он некию некӯкорӣ, хайру саховат, таҳаммулпазирию ҳамдигарфаҳмӣ ниёз дорад. Миллати мо дар зарфи ҳазорсолаҳо ин ҷашни мероси худро бобарбари забони модарӣ ҳифз намудааст. Мо метавонем бо овози баланд бигӯем: «Тоҷикистон - ватани Наврӯз аст!»

**Раҳмон ГУЛОНОВ,**
*раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара*



Наврӯз аз замонҳои қадим таҷассуми нияти нек, армону орзуҳои ширини одамон қарор гирифтааст.Чун рӯшноӣ, ҳарорат дар рӯзгор ҳамеша пойдор бошад,мардум дар ҷойҳои махсус оташкадаҳо, аловхонаҳо сохта, дар мавриди таҷлили идҳои мазҳабӣ, маросимҳои мавсимӣ, хосса дар ҷашни Наврӯз он ҷойҳо гулхан меафрӯхтанд. Мӯъмин Қаноат аз ин бора изҳори ақида намуда, ба рӯзноманигор Мақсуд Ҳусейн гуфтааст; " Пас аз фурӯ рафтани ҷаҳонтоб шаб давоми рӯз буд дар тақвими мо,зеро нури Яздониро оташи оташкада ва хонаводa нигоҳ медошт.

# НАВРӮЗ ВА ОТАШ

**И**н ойини оташпарастӣ нест, балки оташ дар замин таҷаллии фурӯғи Аҳурамаздо аст,ки аз тариқи офтоб интиқол мешавад. Парастиши офтоб парастиши нури Яздон аст". Ин гуфтаҳо дар як шеъри шоири Араб Абӯнавас,ки рӯзгораш ба асрҳои ҳазораи аввали мелодӣ тааллуқ дорад, ба ин маънӣ омадааст; " Наврӯз торики шабро бо гулхое,ки чун ситорагони тобон бар шохаҳо дурахшанд, бароямон бомдод кард".

Дар баъзе маҳалҳои Бадахшон бо баҳонаи пухтани таомҳои маросимии бат ва боҷ аз шом то субҳ дар оташдон афрӯхтани алов аз ҳезуми арча ва зардолуи хушк шояд аз ҳамин сабаб бошад.Оташ назди мардум аз замоне боз соҳиби мақому манзалати хоса гардид ва аз унсурҳои муқаддас қарор гирифт, ки он бидуни ҷанбаи рӯшноиву ҳарорат доштанаш беҳтарин василаи хабаррасонӣ низ буд.Афрӯхтани оташ бар сари бурҷҳо ҷанбаи паёмдиҳанда дошт. Дар Эрони қадим ҳафт оташкада машҳур будаанд,ки ҳар яки онҳо ба ҳафт сайёра нисбат дода шуда номи махсус доштаанд:Озармоҳ,Озарнӯш,Озарбаҳром-,Озароин,Озархурдод, Озарбарзин ва Озарзардуҳишт.

Афрӯхтани гулхани Наврӯз дар арафаи иди Наврӯз ва маросимҳои махсус дар бисёр кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ,ки дар он ҷо мардуми эронитабор сукунат доранд,имрӯз ҳам барқарор аст.Чунончи, донишманди афғон Латиф Пидром дар мақолае ба унвони " Ҷашни гули сурх дар Афғонистон" навиштааст: "Аз чоршанбеи сурӣ то ид фосилаи зиёд нест. Бинобар ин аз нимаи Исфандмоҳ омода мешаванд то ба оромиши хотир битавонанд аз ид пазироӣ кунанд. Ва он гаҳе,ки то нахустин рӯзи моҳи аввали сол фаро бирасад, мардуми Афғонистон бо барафрӯхтани оташ рақсу пойкӯбӣ, ҷастухез аз фарози оташ ва раҳо кардани ҳезумҳои муштаъал аз қуллаҳои теппаҳои баланд рӯзҳои миёнаи чоршанбеи сурӣ ва рӯзи идро бо шодмонӣ сипарӣ мекунанд.Дар ин ҳангомаву шӯр ҳама бо ҳам ин ҷумларо такрор мекунанд: " Сурхии рӯи ту аз ман, зардии рӯи ман аз ту".

Бо ин расм истиқболу ҷашн гирифтани Наврӯз дар Тоҷикистон, алалхусус дар Бадахшон низ побарҷост.Дар деҳаи Ёғеди ноҳияи Дарвоз барои афрӯхтани гулханҳо дар шаби аввали Наврӯз аз ду ҳафта зиёдтар тайёрӣ мебинанд.Шаби аввал мардум расми "дух-духи бор"-ро,ки гӯё авҷ ё қуллаи ид аст, ба ҷо меоваранд. Тамоми шаб дар ҳамаи ҷои деҳа чароғонҳо фурӯзон мемонанд, аҳли деҳа бедорхобӣ ихтиёр мекунад ва мунтазири овозандозии ҷавонон мешаванд. Нисфи шаб дар чанд ҷои атрофи деҳа, асосан дар Буничар, Минаду Сарду аз ҷониби ҷавонон оташ даргиронда мешавад ва онҳо гурӯҳ-гурӯҳ шуда,атрофи деҳа гашта, "Дух-духи боръм назана, пашшаи буҳоръм назана"- гӯён овоз меандозанд ва мардумро ба гирди гулханҳо даъват мекунанд.Вақте ки мардум дар гирди оташкадаҳо ҷамъ меоянд, халифа ва дигар ашхоси муътабари деҳа низ ҳозир шуда, мардумро бо фаро расидани ид муборакбод гуфта, барояш бурдбори ва хушиҳои зиндагиро аз даргоҳи Худои таъоло дархост мекунанд.Чун муборакбодӣ ва вазъу пандгӯии шахсони муътабару бомаърифат хотима меёбад, одамон бо навбат аз болои алангаи оташ ҷастухез мекунанд ва бо ҳамин ҷурму гуноҳе , ки гӯё дар бадали сол содир кардаанд, ин оташи муқаддас ҳамаи инро пок мекунад. Дар ин шаб одамон гуноҳҳои ҳамдигарро бахшида, ба ҳамдигар туҳфаҳо тақдим мекунанд.Дар деҳаҳои Баҳрзуд ва Дерзуди ноҳияи Рӯшон дар арафаи ҷашни Наврӯз расми "аловпарак" бо ибораи чоршанбеӣ барпо мегардад. Дар ин деҳаҳо ва дар ҷамоати деҳоти Сохчарви ноҳияи Шуғнон ҳам қабл аз болои алангаи оташ ҷаҳидан ё аз гирдаш гаштан ба гиребон ё ба миён пораи мато ё ресмони сурх мебастанд ва ҳангоми аз болои гулхан ҷаҳидан ресмонеро аз либос ба оташ партофта, "балоҳо" ё "рафъи балоҳо" мегуфтанд.

Сокинони деҳаи Техарви ноҳияи Ванҷ ин оинро "оташпарак" мегӯянд. Дар ин ҷо дар арафаи иди Наврӯз бегоҳӣ дар мобайни боғ чуқурие канда, ҳезуми зиёди ҷамъкардаашонро даруни он меандохтанд ва яке аз куҳансолони деҳа онро дармегиронд. Ҳангоми аз болои алангаи оташ ҷаҳидан дар ин ҷо ҳам аз либосашон риштае канда онро бо нишони сӯзонидани гуноҳи сол ба даруни оташ мепартофтанд ва боз онҳо дар ҳамин лаҳзаҳо аз Худованд таманно мекарданд, ки дар давоми Соли нав онҳоро аз ҳар офату балоҳо эмин дорад.

Дар водии Язгуломи ноҳияи Ванҷ баъди дуои хӯроки пешин, ҳангоме офтоб ба қиём ("афтовсар") мерасад, ҳамаи занону духтарон ба боғ даромада, гулхан меафрӯхтанд ва бо навбат себорӣ аз болои он ҷаҳида, дар ҳар мавриди "балоҳо рафъ" мегуфтанд.Занҳое,ки кӯдаки ширмак доштанд, бо кӯдакашон аз болои гулхани фурӯзон ҷаҳида, ба қавле худро аз ҳар гуноҳ пок ва қувваҳои зиштро аз худ дур мекарданд,то дар Соли нав хушбахт бошанд. Мардон низ бо ҳамин нияту матлаб аз болои алангаи гулхан се борӣ меҷаранд.

Дар деҳаҳои ҷамоати деҳоти Тусёни ноҳияи Роштқалъа дар мавриди ҷашнгирии Наврӯз агар як авлод субҳи шабе, ки таоми меросӣ - боҷ мепазанд, анъанаи фалакзаниро риоя кунанд, аз авлоди дигар бегоҳии он шаб аҳли хона яктой хас гирифта, дар ҷои ҳамворӣ як ҷо монда, гулхани фурӯзон ва аловпаракро ташкил мекунанд.Онҳо низ ҳангоми аловпарак "Зардию ранҷӯрии рӯи ман аз ту, сурхии рӯи ту аз ман" мегӯянд ва аз либосашон риштаеро ба он мепартоянд. Гумон меравад Наврӯз ба кадом даврае мансуб дониста нашавад, яке аз аввалин идҳои калоне,ки мардуми эрониасл ва умуман мардуми кишварҳои мусулмонӣ барпо кардаанд, ба ифтихори бори нахуст фурӯзон гаштани оташ -яке аз унсурҳои хеле муқаддаси рӯзгор буд.Оташ бо вуҷуди маънии манфӣ доштанаш,рамзи ҳарорату рӯшноӣ,давоми рӯз дар шаби тор,покӣ,рӯсурхӣ,бақои умр буда, он дар тӯли таърихи ҳазорсолаҳо бо Наврӯз дар як радиф қарор дорад.

*Аз "Оинҳои Наврӯзӣ дар Бадахшон"*
*Таҳияи* **Лутфишоҳи ДОДО**

# ҶАШНИ МАРДУМӢ

*Наврӯз тӯли қарнҳои зиёд василаи ба вуҷуд овардани ҳусни тафоҳуму якдилӣ ва иттиҳоду ҳамбастагӣ дар байни аҳли ҷомеа буда, боиси ба ҳам наздик шудани фазои андешаи қавму миллатҳои зиёде гаштааст. Дар оянда низ Наврӯз бо ин рӯҳу ҷавҳари ваҳдатофари худ барои халқу миллатҳои мухталиф, ки дар шароити кунунӣ бо таъсири раванди тезу тунди глобализатсия ва бархурди манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ дар муқобили ҳам қарор доранд, метавонад нақши худро ҳамчун омили муҳиму муассири ҳамоҳангсоз, иттиҳоду ҳамбастагӣ тақвият кунад.*

**ҶАШНИ** Наврӯз аз замони пайдоиши худ то ба имрӯз дар ҳаёти фарҳангиву маънавӣ ва сиёсии мардуми мо саҳми бузургу боризе дошта, воситаи муҳими тарбияи эҳсоси меҳанпарастиву худогоҳии миллӣ ва талқини ваҳдату иттиҳоди аҳли ҷомеа будааст.

Наврӯз як достони пуровозаву оламгири ҳастии миллати соҳибфарҳангу тамаддунофари мост.

Наврӯз рамзи пирӯзии рӯшноӣ бар зулмот, бедорӣ бар ҷаҳолат, меҳру муҳаббат бар кинаву адоват, хушнудӣ бар ғаму андӯҳ аст.

Наврӯз бо насими тозаву нафаси рӯҳафзои масеҳоӣ ва афсуну дилрабоӣ ба дунёи кӯҳан ҳусну тароват ҷавонӣ бахшида, аз фарорасии фасли шукуфоиву шуруъи айёми зебоӣ пайғом медиҳад.

Ҷашни Наврӯз ҷашне аз бостон аст ва ҳамзамон ҳамешаҷавон аст.

Наврӯз ба тафовут аз дигар ҷашнҳову идҳо як ҷашни воқеан ҳам табииест, ки аслан бидуни тасмими фардиву ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ кардааст ва барои мондагор будан эҳтиёҷе ба ҳеҷ гуна қарордоди иҷтимоӣ надорад.

Ҷашни Наврӯз ҳамоҳангиву омезиши воқеияти зебои табиат ва хиради зебоипарасти мардуми ориёнажод аст, ки тӯли ҳазорсолаҳо иртиботи самимиву солими инсон ва табиатро ба вуҷуд оварда, башариятро дар рӯҳияи зебоипарастӣ ва эҳтиром ба аносири табиӣ тарбия мекунад.

Асолати ин ҷашн дар он аст, ки он ҳатто новобаста аз мавҷудияти ҷомеаи башарӣ низ метавонад арзи ҳастӣ дошта бошад.

Дар миёни идҳои халқҳои ҷаҳон Наврӯз ягона ҷашнест, ки на дар робита ба омилҳои зеҳнӣ, балки дар заминаи омилҳои айнӣ ба вуҷуд омадааст.

Ҷашни Наврӯз як ҷашни воқеиест, ки бо эҳёи табиату эътидоли шабу рӯз, шукуфтани гулҳову чакомаи булбулҳо, гулрези баҳорону садои обшорон шуруъ шуда, олами ҳайвоноту наботот ва умуман, кулли мавҷудотро ба ҳаракату ҷунбиш ва таҳаввулу такомул водор мекунад, яъне Наврӯз дар зоти худ ниёзе ба пардозҳои сунъӣ ва расмиёти таҷлили қолабии башарӣ надорад. Наврӯзро бе тасмими расмӣ ҳам таҷлил мекунад.

Наврӯз ҷашнест фароинсонӣ ва фавқулиҷтимоӣ. Наврӯз таҷаллии эъҷоз ва зебоипарастии Худованд аст. Наврӯз ҷашнест азаливу абадӣ ва мондагор.

Дар воқеъ пойдориву мондагории арзишҳои ҷашни Наврӯз дар тӯли ҳазорсолаҳо аз воқеиятҳои камназирест, ки асрори он дар ҳикмат ва фалсафаи Наврӯз нуҳуфта аст.

Наврӯз ҳамчунин далели бузургии хирад ва зеҳни ориёист, далели бузургии хирад ва зеҳне, ки дар он гузаштаҳои хеле ва хеле дури таърихӣ айёми эҳёи табиату эътидоли шабу рӯзро аз лиҳози илмӣ ва фанни нуҷумшиносӣ бисёр дақиқу саҳеҳ муайян карда буд. Хирад ва зеҳне, ки асолату воқеияти эҳёи табиат ва даврони такомулу таҳаввули онро дарёфт ва онро бо ҳама зебоиву назокати табииаш пазиро шуд ва ба ҳар чӣ бар он афзуд, низ хеле табиӣ ва зебо буд. Услуби баргузорӣ ва таҷлили Наврӯзу саҳнаҳои наврӯзӣ, чакомаҳову таронаҳои ҷашниву ороиши хони идона, сабқатҳои варзишиву сайру тамошо, корбурди фаровони ашёи музайяну муҷалло ва либосҳои мунаққаш, изҳори таманниёту табрикоти рангин ва умуман ҳама суннатҳои наврӯзӣ хеле табиӣ ва зебост.

Ҷашни Наврӯз қадимтарин ва зеботарин ҷашни дунёст, ки бо фарорасии хеш аз оғози фасли зебои баҳор мужда медиҳад. Ин мужда рамзи офариниши ҳаёт, эҳёи табиат ва оғози тозаи зиндагист.

Наврӯз як ҷилваи рангину марғуби эҳсосу идрок ва завқи зебоипарасти мардуми ориёист.

Наврӯз нахустин рӯзи моҳи фарвардин ва оғози Соли нави аҷдодӣ, эътидоли шабу рӯз, тантанаи ҳусну тароват ва муждаи файзу баракат аст, ки бо ташрифи худ ба ҳар хонадон шодиву нишот меоварад.

Бо омадани Наврӯз дашту даман гулрез ва фазои хонадони ҳар яки мо аз шодиву фараҳ лабрез мегардад ва паёми сабзи ошнои пиру барноро дар наврӯзгоҳҳои идона сарҷамъ месозад. Дар ин айём аз фарорасии баҳори нозанину ҷашни фархундаи Наврӯз на танҳо гулҳои шукуфтаи хиёбонҳо, балки чеҳраҳои кушодаву хандон ва табъи болидаи инсонҳо низ башорат медиҳанд.



Наврӯз бо фарорасии баҳор кошонаҳои моро нуру зиё мебахшад ва дар вуҷуди мо поктарин эҳсосот ва волотарин умеду орзуро бедор месозад. Аз суннатҳои ин рӯз аст, ки мо бо ҳамдигар хушнудӣ ато намоем, ба эҳтиёҷмандону камбизоатон ва бепарасторон дасти кӯмак дароз кунем.

Наврӯз пайки фарорасии зеботарин фасли сол, яъне баҳори нозанин аст.

Наврӯз иди мардумиест, ки ба дастархони ҳар хонадон файзу баракат меорад, аз зиндагии осоиштаву осуда мужда мерасонад ва ба кишоварзону деҳқонон оғози корро талқин мекунад.

Наврӯз дар баробари дигар фазилатҳояш аз замонҳои қадим то ба имрӯз айёми саъйу талошҳо баҳри покизагии муҳити зист ва истифодаи оқилонаи обу замин буда, суннати аҷдодии моро мазмуни тоза мебахшад.

Дар рӯзи оғози баҳору ҷашни фархундаи Наврӯз, ки рӯзи зебоиву шукуфоӣ, хурсандиву шодмонӣ, меҳру муҳаббат аст, орзуи онро дорем, ки фазои андешаҳои ҳар яки мо низ мисли ин фасл зебо бошад.

Бигзор ҳар яке аз мо низ мисли ин ҷашни зебову фасли эҳё афкору ният ва ҳадафҳои созанда дошта бошем. Баҳри ободиву сарсабзии кишвар, таҳкими амну суботи ҷомеа ва таъмини зиндагии шоистаи мардум ҳаддалимкон саҳмгузорӣ намоем.

**Назрӣ АСАДЗОДА,**
*мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҳисор, Аълочии маориф ва илми ҶТ*



# Наврӯзи кӯҳистон

**НАФАСИ** гарми замин касро махмур месозаду насими баҳори гулрезу гулбезу гулбасар дари кошонаи деҳқонро арғуштравон ангушт мезанад. Бӯи муаттари ҳулбӯ сар-сари об шино дорад. Духтарони деҳ барои бо гулҳои наврӯзӣ оростани кокулони худ оина ба даст мегиранд. Гаштугузори баҳорӣ ба авҷ меояд. Дар базмҳои суманак савту наво ва шеъру тарона танин меангезад. Аз чокҳои чодари абрҳо рез-рези борон хуш аст. Кӯчаҳои деҳаро бӯи хуши кулчаҳои ширмол фаро мегиранд. Пиразанҳо саргарми пухтани самбӯсаҳои алафин ва суманак- пайки наврӯзӣ ҳастанд. Ханда ва бозиҳои дилангези кӯдакон авҷ мегиранд. Лаҳзаи сури ориёнӣ, базми хусравонӣ фаро мерасад.

Наврӯзи имсола ҳам бо муждаҳои накӯи хеш дар фазои созандагиву бунёдкорӣ меҳмон шуда, чун пайғоми умед нури худро ба саросари Тоҷикистони азизу ягона мепошад.

Нахустрӯзи баҳори дилрабо, ки худ рамзи ибтидои зиндагии нав аст, соли равон дар сарзамини куҳанбунёди мо боз як омили дигарро иҷро кард. Ин маъракаи муҳими сиёсии интихобот буда, мардум баҳри шукуфоии меҳани азиз, тавҳиди аҳли ҷомеа, барои ояндаи диёр, ваҳдат, рушди Тоҷикистон ва ҷонибдорӣ аз фаъолияти кунунии фарзанди баору номуси миллат Эмомалӣ Раҳмон раъй доданд.

Дар сиёсати пешгирифтаи имрӯзаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз ҳамчун рукни муҳими худшиносии миллӣ, василаи калидии пайванди наслҳо, ҳалқаи гузаштаю имрӯза, эҳёи анъанаҳои зебоипарастӣ, инсондӯстӣ, дур сохтани кинаю кудурат, ҳамдигарбахшӣ, рамзи дӯст доштани якдигар ва ба қадри зиндагии хушу хуррамона расидан инъикоси барҷаълои худро ёфтааст. Ин ҳама моро илқо месозад то ба ҷойи раҳгумзаданҳову рахти ҷудоӣ кашиданҳо, чоплусии нотавонбинони миллату меҳан, ки дар навои зиштрӯёни бегона мерақсанд, зиракиву ҳушёрии сиёсиро мароми хеш қарор дода бошем.

Ҳазрати Деҳқон боз марза ба марза мегардад. Сабои Наврӯз сайри дашту даман ва боғу чаман дошта, хаёлоти ширини деҳқонро ба ҷӯш меоварад. Деҳқон боз бо ёди оростани хирмани ҳосили баланд, бо асбобу анҷоми кориаш дона зери хок мекунад. Ба замин, ки аз азал ризқу рӯзибахши инсонҳост, бо чашмони пурмеҳр менигарад.

Хок монанди хамири навдамида аст. Хомӯшии боғу роғ дере нагузашта фаромӯш мешавад. Пас аз муддате дар саҳро наъраи тракторҳо ба фалак мепечад. Боз дере нагузашта суруду таронаи шӯху дилангези духтарон ҳама ҷоро фаро мегирад: -Наврӯз шуд, Наврӯз шуд!

Аз шунидани ин муждаи гуворо бо шамими нафаси гарму тозаи баҳор дил ба фараҳ меояд.

Ин қитъаҳои файзбахшу зарнисор бо замзамаи марди деҳқон, ки нақшаҳои бузургро дар сар мепарвараду бо ҳиммати нав дасту остин барзадааст, боз ҳам саршортар мегардад. Ва дур нестанд он рӯзҳои шодиву тараб, ки шаҳди пирӯзӣ меоранд.

Дар рӯзҳои Наврӯз аҳли қалам сухани рангин пеш меоварду мусаввир рангу бори тоза. Ҳарду дашту саҳроро ба қаду бар гаштугузор мекунад. Рассом аз табиат рангҳои пурҷилоро баргузида, ба тасвири рӯзи пурнур ва саодатманд оғоз менамояд. Рангҳо, рангҳо! Ин рангҳо ба тозаасари санъат табдил меёбанд. Номи он - "Духтари Наврӯз"!

Шумо ба табиат бо чашми оҳангсоз бингаред, он гаҳ турфа - турфа оҳангу навоҳоро пай хоҳед бурд.

Ба табиати биҳиштосои диёр, ки он ба аҳли қалам ғазалу таронаҳо илҳом мекунад, таъзиму таъзим!

***Гули баҳман - гули хокӣ,***
***Гули баҳман гули рӯз аст.***

Дар баҳорон ҷӯйборҳо саршор ҷорӣ мешаванд. Рӯзҳои Наврӯз дар қиру адир лолаҳо чароғ меафрӯзанд. Одамон ҳамдигарро бо гулу гулдастаҳои нахустин табрику таҳният мегӯянд. Чӣ хуш аст, ки дар баҳорон ҳатто хор ҳам ба назар монанди райҳон метобад. Дар ҳар муғча, дар ҳар ниҳол беҳрӯзие.

Қалб ба ваҷд меояд ва бо таманнои вирди забон омада мегӯям: -Дар сабоҳи наврӯзӣ дунё-дунё шеъру тарона ба парвоз бодо!

Ана, субҳи Наврӯз қадаҳи лоларанг гирифтааст. Дар ин қадаҳ нури булӯрӣ ҷилва мекунад ва инсонҳоро баҳри густариши беҳтарину волотарин меҳвари зиндагӣ, арзишҳои инсонӣ - Меҳру Муҳаббат талқин месозад.

Шукронаи будан дар ин олами ҳастӣ, ки боз ба баҳор расидем. Баҳор бо кӯҳанҷашни аҷдодӣ - Наврӯз хуш аст.

Имрӯз мардуми меҳнатқарину меҳмондӯсти ин сарзамини аҷдодӣ корҳои ободкориву созандагиро вусъати тоза бахшида, баҳри пазироии меҳмонони олиқадр аз тамоми гӯшаю канори ҷаҳон омодагии хуб доранд. Ҷашни Наврӯз ба ҳамоиши кулли тоҷикони олам табдил хоҳад ёфт.

**Рустамҷон ОДИЗОДА,**
*узви ИҶТ*

## БО СИЛОҲ БА ХИДМАТИ РУСИЯ

Шаҳрвандони Тоҷикистон ҳоло имкон пайдо намуданд, ки дар артиши Русия хидмат намоянд. Тавре шоҳидон мегӯянд, барои хидмат дар пойгоҳи низомии Русия дар Тоҷикистон - дивизияи 201 теъдоди хоҳишмандони хидмат зиёданд, вале вай барои баррасии ҳама аризаҳо имконият надорад. Акнун тоҷикистониён метавонанд ин корро дар ҳудуди Русия анҷом диҳанд, ки бе ин ҳам ба он ҷо ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд. Дар Тоҷикистон хидмат дар артиши давлати дигар манъ буда, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешниҳод мегардад. Вале вай ба нерӯҳои ифротгарои террористӣ дахл дорад ва барои хидмат дар артиши расмии Русия байни ҳукуматҳо қарордод ҳосил шудааст: тибқи Қонуни Русия, ки 2 январ онро президент В.Путин ба тасвиб расонд, шаҳрвандони хориҷӣ акнун метавонанд барои ҳимояи манофеъи Русия дар тамоми нуқтаҳои ҷаҳон биҷанганд, хабар медиҳад Eurasianet.org. Намояндаи Округи ҳарбии марказии ФР Я.Рошупкин, масъули кори дивизияи 201, дар шарҳи ин ташаббус гуфтааст, ки "аслан ин як эҳдо ба кишвари осиёимиёнагӣ аст. Зеро ки аскарони тоҷик аз тамоми имтиёзҳои барои хизматчиёни рус муқарраршуда истифода мебаранд, аз ҷумла ҳуқуқ пайдо мекунанд, ки зудтар мақоми шаҳрвандии Русияро пайдо намоянд, ба воситаи Вазорати мудофиа аз қарзи имтиёзноки ипотекӣ баҳраманд шаванд. Ба гуфтаи Рошупкин, маоши аскарон дар пойгоҳи низомӣ аз 17 ҳазор рубл ($273) то 70 ҳазор рубл ($1,125) мебошад. Мавриди зикр аст, ки муҳоҷирони тоҷик дар Русия корҳои каммузд ва мушкилро иҷро мекунанд.

## ИМТИҲОН ДАР ВАҚТИ НИКОҲ

***"Духтари ҳинду адолатхоҳ шуд,***
***Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд,***

- навишта буд замоне устод Мирзо Турсунзода дар бораи занҳои мубориzи Ҳинд. Муноқишаи аҷиби дар асснои ақди никоҳ рухдодаро низ ба бедоршавии духтарони ҳинду нисбат додан мумкин аст: ҳангоми баргузории тӯйи арӯси ҳушёр аз шавҳаршавандааш пурсид, ки 15-ро ба болои 6 ҷамъ кунад, чанд мешавад? Домод посух медиҳад: "17". Пас аз ин, арӯс идомаи маросими никоҳ ва тӯйро қатъ мекунад. "Оилаи домодшаванда аз мо бесаводии номзадро пинҳон мекард. Ҳатто хонандаи синфи 1 ин мисолро ҳал мекард", гуфтааст падари арӯс ба хабарнигори Ассошиэйтед Пресс. Моҷаро дар як деҳаи назди шаҳри калони саноатии Канпур баргузор шудааст. Ба иттилои пулис, оилаҳо туҳфаву ҷавоҳироти ороишии тақдимкардаи худро бозпас гирифтанд. Аз он таассуф мехӯранд, ки дар байни ҳиндувон мисли тоҷикон, ҳақи интихоби арӯсу домод аксари вақт бар зиммаи волидону хешони ҷавону духтар аст ва бисёр вақт номзадҳо имконият надоранд, ки то баргузории тӯй бо ҳамдигар вохӯранд.

## МАВҚЕИ ДИИШ ТАНГ МЕШАВАД, ВАЛЕ ...

Нерӯҳои ҳарбии Ироқ бо дастгирии зарбаҳои ҳавоии эътилоф барои ба даст овардани шаҳру деҳоти зери тасарруфи ДИИШ қарордошта амалиёти муваффақона мекунанд. Алъон аз се тараф шаҳри муҳими Тикритро иҳота карда, сеяки ҳудуди онро ба даст овардаанд ва умед доранд, ки ин ҳафта онро озод менамоянд. Вале намояндаи ДИИШ Абӯ Муҳаммад ал-Аднонӣ дар YNet хабар медиҳад, ки аз ин ҳол ҷангиён парешон нашудаанд ва талоши худро давом медиҳанд. Ӯ дар муроҷиати худ бевосита ба насрониҳо ва яҳудиён таҳдид намуда гуфтааст, ки мехоҳанд "Париж, то вай Рим ва Иберияи исломиро забт мекунанд, сипас Қасри Сафед, Биг-Бен, Манораи Эйфелро метарконанд. Ҳадафи онҳо ишғоли Кобул, Карочи, Ар-риёз, Теҳрон, Бағдод, Димишқ, Йерусалим, Қоҳира, Санъо, Доҳа, Абу-Дабии Уммон аст.

Дар ин росто он ҳолат нигаронникунанда боқӣ мемонад, ки воридшавии ҷавонон аз Шарқу Ғарб ба нерӯҳои ДИИШ идома дорад. Аз ҷумла, дар наворе, ки ҳангоми қатли марди араб Муҳаммад Исмоил ба иттиҳоми ҷосуси исроилӣ дар интернет пахш гардид, муҳассилини коллеҷи Вокелини шаҳри Тулузаи Фаронса ҳамсинфи 12-солаи худро шинохтанд. Ӯ аз 14 марти соли 2014 ба дарсҳо ҳузур надоштааст. Ҳоло навор барои мушаххас намудан аз таҳқиқ мегузарад.

## СӮХТОРИ МАРГБОР

Дар харобаҳои сӯхтори маркази савдои Қазон санаи 11 март, ки 12 ҳазор метри мураббаъро фаро гирифт ва калонтарин дар панҷ соли охир маҳсуб меёбад, ҷасади 17 нафар дарёфт гардид. Ба гуфти масъулин, боз даҳ нафар боқӣ мондаанд ва беш аз 20 нафар бедарак шуда, ба занги телефони шиносҳои худ посух намедиҳанд. Мутаассифона, дар байни зарардидагон тоҷикон низ ҳастанд. Шоҳидони ҳол иброз намудаанд, ки қурбонӣ метавонист камтар шавад. Вақти оғози сӯхтор кормандони хадамоти оташнишонӣ ва пулис тавонистанд ҳама савдогарон, тақрибан 600 нафарро аз бино берун бароранд. Вале ҳангоме, ки дар бино шӯълаҳои оташ намоён шуд, савдогарон девори пулисро рахна карда, ба сари амволи худ баргаштанд ва қолину маводи нимсӯхтаро аз бинои сӯзон баровардан гирифтанд. Дар ин ҳангом конструктсияҳои оҳании бино ба оташ тоб наовард ва болои ҳамагон фурӯ рафт. Як нафар пулис низ қурбон шудааст. Фурӯшандае гуфтааст, ки натавонист аз байни пулис гузарад ва хуб шуд, вагарна метавонист ба коми оташ равад ё зери боми фурӯрафта бимонад. Сарварони маркази савдо барои таҳқиқ ба ҳабс гирифта шудаанд. Масъулин бар онанд, ки чанде пеш хадамоти оташнишонӣ дар хусуси камбудиҳои хавфнок огоҳ карда буд, аммо онҳо ислоҳ карда нашуданд. Президенти Тотористон се рӯзи мотам эълом намуда, фармон содир кард, ки ба ҳама зарардидагон ба маблағи 200 ҳазор рублӣ ва ба хешони ҳалокшудагон 1 млн. рублӣ дода шавад.

## ҶОСУС-ЛӮХТАКИ "БАРБИ"

Фаъолони "Ширкати барои бачагии бе реклама" (CCFC) аз он изҳори нигаронӣ кардаанд, ки лӯхтакҳои ҳарфзанандаи Барби Hello Barbie, ки метавонад овози кӯдакро сабт намояд ва тавассути интернет пахш кунад. Вай на танҳо фикру андеша ва ташвишҳои атфолро сабт мекунад. Чунин зочаҳо аз истеҳсолот бояд бардошта шавад. Зеро ки ин сабтҳо ба маркази хадамоти ширкат низ ирсол мешаванд ва дар оянда онро метавонанд ба мақсади реклама ва дигар ҳадафҳои худ истифода баранд. Ин хилофи бозиҳои тафреҳии тифлон мебошад.

**Ҷ.ҚУДДУС**

**Назари уламои аҳли суннат дар мавриди ДИИШ**

# Ислом дини сулҳ, амнияту раҳмат аст

**Мавзӯи ДИИШ ба унвони як буҳрони амниятӣ, таваҷҷуҳи тамоми давлатҳои минтақаи Осиёи Миёнаро ҷалб намудааст. Амалкарди ваҳшатнок ва ғайриинсонӣ, куштори барқасдонаву бераҳмонаи мусалмонон ва инъикоси ин ҷиноёт дар расонаҳо ва фазои маҷозӣ боис гардидааст, ки андешамандони саршинос назарҳои гуногунеро дар мавриди ин гурӯҳ баён созанд. Бо вуҷуди таблиғот ва пулҳои фаровоне, ки ДИИШ барои ҷалби тарафдоронаш хазина мекунад, уламои саршиноси аҳли суннат дар ҷаҳони Ислом, онҳоро дучори буҳрони мақбулият ва машруият намудаанд.**

**Тоҷиддини ҲИЛОЛӢ, олими барҷастаи аҳли суннат аз кишвари Миср дар мавриди ДИИШ гуфтааст:** "Гурӯҳҳои такфирӣ ба баҳонаи ҷанги мазҳабӣ ва бо парчами "лоилоҳа илаллоҳ" ҳурматҳоро зери по гузоштанд ва ба қатл ва куштори мардон ва занони мусалмон пардохтанд. Уммати Ислом бо тамоми тавон дар баробари такфириҳо истодагӣ хоҳанд кард ва дар баробари касоне, ки бо шиори Аллоҳу Акбар ба ҷанг бо муқадасоти Исломӣ омадаанд, муқовимат карда ва решаи тафаккури такфириро хушк хоҳанд намуд. Фарзандони мо ниёз ба амнияти воқеӣ доранд ва уламои ҷаҳони Ислом бояд бо иттиҳод ва иҷмоъ дар баробари такфириҳо истода ва решаи ин навъ тафаккурро хушк кунанд".

**АБУМУҶОҲИД, муҳаққиқи фаластинӣ дар бораи ДИИШ мегӯяд:** "Мо ба унвони мусалмонон бояд дар дини худамон миёнарав бошем ва набояд ҳамдигарро такфир ва ҳазф кунем. Ҷавонони фаластинӣ қабул нахоҳанд кард, ки оташе барои тавтиаҳои душманон бошанд. Набояд ба такфириҳо иҷоза бидиҳем, ки дар уммати Ислом яъс ва ноумедӣ эҷод кунанд. Ошкор аст, ки созмонҳои ҷосусии Ғарб, ки нақши асосӣ дар қурбонӣ кардани ҷавонони Ислом дар афкори такфирӣ доранд, боис шуданд, ки ин даргириҳо миёни худамон ба вуқӯъ бипайванданд. Мо ҳеҷ робитае бо такфириҳо надорем ва ҳар кадом аз мо таклиф дорем, ки бо падидаи такфириҳо биҷангем ва муқобила кунем".

**Ҳошим АЛИССИРОЙ, олими судонӣ дар ин бора баён медорад:** "Мухотаби мо дар кунгураи ҷараёнҳои такфирӣ ва ифротӣ, виҷдонҳо ва замири бедори ҷавонон аст. Мо мехоҳем ба ҷавонон бигӯем, ки Ислом дини сулҳ, амният ва раҳмат аст. Маъноҳои бисёр зарифе дар Қуръон вуҷуд дорад, ки ба сулҳ, раҳмат ва дӯстӣ ишора дорад ва ин вожаҳои маъонӣ бояд тарвиҷ шавад то ҷавонон аз онҳо огоҳ шаванд. Тасвире, ки ДИИШ аз Ислом нишон медиҳад, тасвири воқеӣ нест, балки тасвире аст, ки душманони Ислом мехоҳанд аз Ислом намоиш диҳанд то ба василаи он барои ҳамалоти худ ба мусалмонон тавҷиҳи муносибе дошта бошанд".

**Шайх АСОМАСАЙИД, яке аз шинохтатарин уламои аҳли суннати Лубнон дар мавриди хатари ДИИШ таъкид мекунад:** "Бояд дар садади дармони ин падидаи шум бошем. Бояд ваҳҳобиҳо ва такфириҳоро ба асомии онҳо бишиносем. Уламои мо бояд рӯйи минбарҳо хатари афкори такфириро барои мардум гӯшзад кунанд. Дар мақтаи бисёре аз уламои Ислом - масалан, 30 сол пеш, ба масъалаи ваҳҳобиҳо ишора намекарданд ва мегуфтанд ин ихтилофот дар чорчӯби масоили шиъа ва суннӣ аст ва сукут карданд, вале имрӯз бо падидаи шуми такфирӣ мувоҷеҳ ҳастем. ДИИШ танҳо бо эҳсосоти мардум бозӣ намекунад, балки устухонҳоро хурд мекунад. Калимаи куфр беш аз 500 бор дар Қуръон омадааст ва ман дар баробари уламои Ислом собит мекунам, ки бояд дастонамонро рӯйи захм бигзорем ва ин падидаи номатлубро баррасӣ кунем".

**Мавлавӣ Алиаҳмад САЛОМӢ, аз уламои аҳли суннати ҳавзаи илмияи Зоҳидон ва фориғуттаҳсили риштаи иқтисод Донишгоҳи Карочӣ, дар бораи гурӯҳҳои такфирӣ мегӯяд:** "Тасаввур намекунам ДИИШ битавонад дар ҳавзаҳои илмия соҳиби ақаба шавад ва ё аз онҳо пуштибонӣ дарёфт кунад. Гарчӣ даъвои хилофат ва фармонравои Исломӣ доранд, аммо амалкардашон мутобиқ бар мавозини Исломӣ нест, зеро мардумро сар мебуранд ё ба мардуме, ки дар масоф бо инҳо нестанд, ҳамла мекунанд ва онҳоро мекушанд. Дар таърихи Ислом дар замони худи Паёмбар (с) ва пас аз он дар давраи хулафо ҳамвора тавсия шуда, ки ҳатто дар ҷанг бо куффор ҳам ба масҷидҳо, маконҳои динӣ ва ба кӯдакону пиронсолҳо зарар расонида нашавад, вале ДИИШ тамоми ин корҳоро анҷом медиҳад. Корҳои ДИИШ бо мавозини исломӣ рост намеояд ва бо ин ҳама иддаои Ислом ҳам дорад. ДИИШ бештар аз як ҷараёни сиёсӣ нест".

**Ҳоҷӣ Исмоил ПИРМУҲАММАДЗОДА, рӯҳонии маъруфи тоҷик, дар мавриди ДИИШ чунин ибрози андеша намудааст:** "Ҳар рӯз тавассути расонаҳои хабарӣ огоҳ мешавем, ки дар Сурияву Ироқ, Яману Нигерия, Афғонистону Покистон мардуми зиёде бар асари амалиёти низомию интиҳорӣ ба ҳалокат мерасанд. Хонаҳо хароб, киштзорҳо вайрон мешаванд. Дар кадом гӯшаи дунё, ки бедодгарӣ сар занад, назму тартиб, меҳру шафқат аз байн меравад. Мутаассифона, чунин бетартибию ваҳшонияте, ки дар Сурияву Ироқ гурӯҳҳои иртиҷоӣ анҷом медиҳанд, бар зарари ҷаҳони Ислом аст. Онҳо рафтори мушрикони пеш аз Исломро такрор мекунанд. Дар замони ҷоҳилия иддае аз мушрикон (бутпарастон) духтаронашонро дар биёбон гӯр мекарданд. Ҳазрати Муҳаммад (с) тавассути ваҳйи илоҳӣ онҳоро аз чунин ваҳшоният манъ намуданд. Худованди таборак ва таъоло мефармояд: "Ва изал мавъудату сумлат, би аййи занбил қутилат" яъне, *«шумо аз онҳое, ки зиндабагӯрашон кардаед, пурсида хоҳед шуд. Барои кадом гуноҳашон ба қатл расонидед?»*

Дар "Қуръон"-и маҷид ҷурми куштани як нафар баробари куштани тамоми башарият маънидод шудааст. Расули Худо (с) одати зинда ба гӯр карданро аз байн бурданд, вале имрӯз ин тӯдаи ҷоҳилон дубора ин одати мушриконро такрор мекунанд. Асиронро месӯзонанд. Ягон амали онҳо дар чорчӯбаи Ислом нест. Ин аз он дарак медиҳад, ки гурӯҳи бо ном ДИИШ аз асли Ислом хабар надоранд.

*Аз ҳамин хотир ҷавонон бояд баҳори умри хешро ғанимат шумурда, онро на ба ҳавою ҳавас, балки барои омӯхтани илму ҳунар сарф намоянд ва ҳеҷ гоҳ кӯшиш накунанд, ки ба чунин равияҳои ифротӣ, монанди ДИИШ шомил шаванд".*

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**



Минбари халқ
18 марти соли 2015,
№12 (991)



**Аз ибтидои сол тамоми фикру зикри мардум ба Паёми навбатии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равона шуда аст, зеро он равандҳои асосии тараққиёти минбаъдаи мамлакатро муайян ва барномаи ҳафт - ҳашт соли ояндаи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро тарҳрезӣ намуда, вазифаҳои иҷрошавандаи соли равонро амиқ намуд. Маъракаи сиёсии интихоботи вакилони халқ ба Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллӣ низ барои сарҷамъ шудани сокинони мамлакат таъсири мусбати худро расонд ва он бори дигар нишон дод, ки сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ дуруст ва ба манфиати халқ будааст.**

# ОИЛА ВА ФАРҲАНГ

## ДАР МАРҲИЛАИ НАВИ РУШД

**МАРДУМ** барои фардои дурахшони ҳаёти худ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои вилоятиву шаҳриву маҳаллӣ вакилони арзандаро интихоб карда, собит намуданд, ки дар роҳи пешрафти ҷомеа устувор қадам мезананд.

Ҳамчунин бо Фармони худ соли 2015-ро Соли оила эълон кардани Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон падидаи ғамхории падаронаи мавсуф ба тамоми қишрҳои ҷомеа мебошад, зеро ҷаҳони муосир водор месозад, ки ба созмони аввалияи ҷомеа-оила аҳамияти бештар дода шавад.

Мақоми оила дар ҳар давру замон баҳри пешбурди ҷомеа, муайян намудани сатҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳар халқу миллат аҳамияти хос дошт. Бесабаб нест, ки бузургон оиларо шоҳсутуни зиндагӣ, асоси давлат, танзимгари рушду нумӯи миллат номидаанд. Аз ин рӯ давлат ба оила ҳамчун ҷавҳари ҷамъият аҳамияти ҳамаҷониба медиҳад.

Гиромидошти оилаи муосир ин рӯ овардан ба фарҳанги аҷдодӣ ва асолати миллӣ буда, моро ба суннатҳои халқамон мепайвандад, то ки ба ташаккули ҳар оилаи ҷавон эътибори ҷиддӣ диҳем, ба дунёи пурасрори рӯзгордорӣ бо тафаккури нав ворид гардем. Барои ин аз техникаю технологияи пешрафтаи муосир самаранок истифода бурдан ва собит намудани он, ки дар ҳақиқат ҳам мо ворисони арзандаи пешдодиёну каёниён, кӯшониёну ашкониён, сосониёну сомониёни фаррухасл будаему ҳастем ва парчамбардори ҳақиқии фарҳанги миллӣ низ мебошем.

Иқдоми Президенти мамлакатро сармашқ намуда, Раиси вилояти Суғд Абдураҳмон Қодирӣ барои фаротар ва амиқтар баргузор гардидани "Соли оила" дар қаламрави вилоят маъракаи солонаи таҳаввули фарҳанг ва обод кардани тамоми паҳлуҳои зиндагии халқро эълом дошта, аз ибтидои сол барои сари вақт ба итмом расондани Маҷмааи таърихию адабӣ ва фарҳангии Хоҷа Камоли Хуҷандӣ тамоми тадбирҳоро андешиданд ва ба аҳли фарҳангу адаб роҳи фарохи ҳамкориро кушоданд. Мусаллам аст, ки зиёиёни шаҳри Хуҷанд ҳамеша дар фикри пешрафту такомули илму фарҳанг, рушди забон ва гузашта аз ин, дар андешаи таҳкими суботу оромии ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва дифоъ аз манфиатҳои миллат ва давлат буданду ҳастанд.

Бо ҳидояти Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кӯшишҳои пайгиронаи роҳбарияти вилоят дар минтақаи дашти Сомғар нақшагирӣ, тарҳсозӣ ва бунёди шабакаҳои коммуникатсионии шаҳри нав дар шафати Хуҷанди бостонӣ оғоз ёфта, марҳалаи аввали ободонӣ анҷом пазируфт ва он рӯз дур нест, ки оилаҳои наву ҷавон дар он маскан мегиранд, даҳҳо корхонаҳои нав ва муассисаҳои фарҳангу маориф дари худро ба рӯи созандагони фардои зебо боз менамоянд. Ин шаҳраки ҷавонӣ хоҳад буд, зеро асоси давлати моро нерӯи созандаи насли навхат ташкил медиҳад.

Рӯшод бояд иқрор кард, ки на ҳама вақт мо аз интизому ахлоқи ҷавонон хурсанду қаноатманд ҳастем. Гаравидан ба ҳизбу ҳаракатҳои номақбул, фаромӯш кардани воқеаҳои душвору хунрезиҳои солҳои 90-ум, бетараф будан ба рафтори ҷавонони бекору бемашғулият, фаромӯш кардани аслу насаби хеш бисёр насли ҷавонро саргум занондаанд. Дар равияю риштаҳои гуногуни дини мубини Ислом, бисёр аҳкоми онро надонистаю ҷиддан машғул нашуда, ҳушёрии сиёсиро аз даст додани ҷавонон моро хеле ба ташвиш гузоштааст. Вале роҳбарияти шаҳр ба ҷомеаҳои калони донишгоҳҳо ва қобилияту дониши мукаммали омӯзгорону устодон такя намуда, нақша ва барномаи мукаммали бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҳаёти наврасону ҷавонони шаҳрро мураттаб сохтаем.

Бояд равшан тазаккур дод, ки шаҳрҳои қадимае чун Хуҷанду Кӯлоб, Панҷакенту Исфара анъанаҳои махсуси тарбияро доро мебошанд. Баъзе унсурҳои барои мардуми таҳҷоӣ бегона дар тӯли даҳсолаҳои ахир ба ҳаёти шаҳрҳо ворид гардида, таъсири манфии худро нишон дода истодаанд. Ин пеш аз ҳама ба ҷавонони аз деҳот барои таҳсил ва кор омада тааллуқ дорад. Қисме аз онон худро дар шаҳр ва дур аз оила мустақилу сарҳуй дида, дар фурсати на чандон тӯлонӣ аз ҷиҳати хулқу атвор дигар мешаванд, ба ҳар гуна гурӯҳҳо ҳамроҳ шуда, масъулияти ватандориро фаромӯш месозанд. Бо ҷавонони ба мамлакатҳои хориҷа барои кор рафта низ ҳамин гуна ҳолат рух медиҳад, ки бадбахтона солҳои охир ин зуҳурот бештар шудааст.

Барои дар сатҳи баланд амалӣ кардани нақшаю барномаҳои марбут ба "Соли оила" тамоми 22 кумитаи маҳаллаҳои шаҳр фаъолияти худро беҳтар намуда, ҳар рӯз на кам аз даҳ оиларо хабар мегиранд, аз санадҳо ва нуктаҳои Паёми Сарвари давлат маълумот медиҳанд, оид ба шумораи аъзои ҳар оила, машғулияти онон, гурӯҳҳои синнусолӣ ва омодагии онҳо ба зиндагӣ огоҳ мегарданд. Байни кумитаҳои маҳаллаҳои шаҳр озмун эълон гардидааст, ки баробари ба назар гирифтани ободии маҳаллаҳо ба тарбия дар оилаҳо, равобити оила бо мактаб, ахлоқи ҷавонон, вазъи маънавии маҳалла эътибори асосӣ дода мешавад.

Набояд фаромӯш кард, ки ободию хуррамии рӯзгори ҳар оила ба иқтисод робитаи қавӣ дорад. Барои беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардуми шаҳр мо ислоҳоти ҳамаи соҳаҳо ва ташаккули муносибатҳои нави иқтисодиро бо муваффақият ба анҷом расонда, рушди босуботи иқтисод ва ба ин васила беҳдошти вазъи иҷтимоии мардумро таъмин намудем. Воқеан ба ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ густариш бахшида, дар зарфи се-чор соли охир даҳҳо корхонаи истеҳсолиро таъсис додем, ки бо маҳсулоти худ бозори дохилиро таъмин намуда, ба хориҷи кишвар низ содирот мекунанд.

Корхонаҳои саноатии шаҳр мутобиқ ба шароити нави иқтисоди бозорӣ, дар доираи иҷрои талаботи Созмони Ҷаҳонии савдо ва рақобати озод дар бозорҳо дар ҷабҳаҳои мухталиф фаъолият бурда, ба комёбиҳо ноил шуданд. Дар натиҷа маҳсулоти саноати шаҳр нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 87,0 миллион сомонӣ ё 121,6 фоизро ташкил дода, ҳаҷми умумии он ба 490,1 миллион сомонӣ расид. Аз ин миқдор ба маблағи 107,3 миллион сомонӣ ба хориҷи кишвар маҳсулот содирот карда шудааст, ки барои рушди иқтидори содиротии шаҳр заминаи устувор мегузорад.

Дар шаҳр баҳри бунёд, эҳё ва таҷдиди муассисаҳои фарҳангӣ, чойхонаҳои маҳаллаҳо, майдончаҳою толорҳои варзишӣ дар минтақаҳои аҳолинишину маҳаллаҳо аҳамияти хоса зоҳир гардида, то имрӯз 15 адад майдончаҳои варзишӣ дар назди биноҳои баландошёна ва 3 адад толори варзишӣ дар мактабҳои шаҳр сохта ба истифода дода шуданд, 20 муассисаи фарҳангӣ таъмир шуда, бо таҷҳизоти замонавию асбобҳои мусиқӣ таъмин мешаванд.

Иқтисоду фарҳанг дараҷаи иҷтимоъро муайян мекунад ва сатҳи зиндагии мардум, яъне иҷтимоиёт шароит ва замина ба вуҷуд меоварад, ки халқ анъанаҳои миллии худ, ҷашну маросимҳоро дар зинаи зарурӣ қарор диҳад ва нақшу манзалати онҳоро муайян намояд. Аз ин лиҳоз ба хотир бояд оварем, ки маҷмӯи тақвими мардуми тоҷик ба ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавӣ таъсири худро расонидааст.

Олими забардасти тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ дар асоси маъхазҳои куҳан зикр намудааст, ки сабаби пайдоиши ҷашнҳо вобаста ба маросиму оинҳои "мардумӣ" ва "динӣ" аст. Оиди ҷашнҳо, ӯ чунин ибрози ақида намуда буд: ҷашнҳои мардумӣ ин ҳодисаҳои эътирофгашта ва санаҳои муҳиму маъруф, оинҳое, ки шоҳон ва ашрофон баҳри кӯмак барои ба даст овардани хушнудии рӯҳ, пайдо кардани шуҳрати накӯ, ҳамду сано, муҳаббат ва таманнои беҳбудӣ баргузор менамуданд. Онҳо барои ин рӯзҳо баҳри мардум маросимҳо муайян карда, дар қатори мардум барои хушнудӣ иштирок мекарданд. Онҳо барои ин рӯзҳо қоидаҳои муайянро таълиф кардаанд, ки онро наслҳо аз аҷдод баҳри дуои хайру хушбахтӣ ва фоли нек идома медиҳанд. Ҷашнҳои бо дин алоқаманд, аз тарафи "пешвоёни маънавӣ" пойдор гаштанд ва қонунҳои он муайян шуданд. Ҳадафи ин ҷашнҳо чун дар ҷашнҳои мардумӣ буд, аммо "барои ҳаёти оянда".

Ин нуктаҳоро оид ба ҷашну маросимҳо барои он зикр намудем, ки алҳол тамоми мардуми шаҳри Хуҷанд ба истиқболи сазовори Наврӯзи ҷаҳонӣ омодагии ҳамаҷониба мебинанд, зеро имсол маъракаҳои асосии он дар қаламрави вилоят ва маркази он мегузаранд. Аз ин рӯ сокинони сарбаланди шаҳри бостонӣ медонанд, ки фақат бо дарки арзишҳои маънавӣ ҷашнҳои куҳанро дар замони Истиқлол метавон, аз ҷиҳати муҳтавову моҳият, хусусияти хоси миллӣ аз нав эҳё кард, чунонки иқдомоти бузурги Сарвари давлат дар мақому манзалати ҷаҳонӣ бахшидан ба Наврӯз зуҳур намудааст.

Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҷашни байналмилалӣ эълон гардидани Наврӯзи Аҷам ба рушди минбаъдаи фарҳанги мо ва афзудани обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон такони тозае бахшид. Ҳар сол сокинони шаҳр дар Наврӯзгоҳи нав, ки аз ҷониби Президенти мамлакат интихоб ва номгузорӣ гардидааст, ҷашни миллиро таҷлил мекунанд.

Вале қобили зикр аст, ки дар маҳаллаи Пуличуқури шаҳри бостонии Хуҷанд мазори Каюмарси Одам мавҷуд аст ва ҳазорон сол инҷониб мардум дар атрофи он маъракаю маросимҳои ҷашниро мегузаронданд ва идҷои хуҷандиён -Истак ҳам дар ҳамон ҷо будааст. Дар яке аз сафарҳои корӣи худ Боғи фарҳангу истироҳати рӯ ба рӯи идҷои қадимаро, ки номи безеб дошт, Наврӯзгоҳ номгузорӣ кардани Ҷаноби Олӣ бесабаб набудааст. Зеро дар рӯ ба рӯи мазори нахустин шоҳи оламиён Каюмарс обод кардани Наврӯзгоҳ низ хосияти хуб дошт ва рамзӣ буд.

Ба истиқболи Наврӯзи имсола дар назди Қасри ҷавонони ба номи Лоиқ Шералӣ чойхона барои адибон, мағозаҳои китобу гулфурӯшӣ, маркази фароғатии ҷавонон ба истифода дода шуд. Чунин ҷойҳое, ки ба тарбияи маънавии мардум мусоидат мекунанд, дар шаҳр афзун мешавад.



Ҳифзи комёбиҳо ва дастовардҳои даврони Истиқлолро таъкид намуда, Сарвари давлат зикр менамоянд, ки "онро чун гавҳараки чашм ҳифз бояд кард". Ҳамчунин тазаккур медиҳанд, ки ояндаи ҷомеа, идораи давлату миллат, ҳифз кардан ва афзун намудани музаффариятҳои Истиқлол дар дасти ҷавонон аст. Аз ин лиҳоз дар ҷаҳони пуртазоди муосир мубориза барои мафкураи ҷавонон торафт пурзӯр мегардад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр баҳри ҷалби ҷавонон ба меҳнат бо дастгирии роҳбарияти вилояту соҳибкорон ният дорад, дар зарфи семоҳаи аввали "Соли оила" 35 корхонаи истеҳсолиро ба кор даровarda, заёда аз ҳазор нафар шаҳрвандонро ба меҳнати фоиданок ҷалб намояд. Ҳамчунин фаъолияти марказҳо ва муассисаҳои маърифатию фарҳангиро беҳтар намуда, ҳарчӣ бештар наврасону ҷавононро фаро гирад. Баробари ин соҳибкорони хуҷандӣ бо ташаббуси "Хӯроки ройгон-дар Рӯзи Наврӯз" баромад намуданд, ки боиси дастгирист, зеро рӯзи 21 март тамоми ошхонаҳо ва тарабхонаю чойхонаҳо, қаҳвахонаю нуқтаҳои хӯроки умумӣ ба шаҳрвандон ва меҳмонони шаҳр ройгон хизмат ва ба оилаҳои камбизоату беморон ёрии моддӣ мерасонанд.

**Раҷаббой АҲМАДЗОДА,**
*раиси шаҳри Хуҷанд*

# ОИЛА ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

**Дар Паёми Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ без аз ҳама як нукта диққати маро бештар ҷалб намуд. Ин ҳам бошад суханони бо дилсӯзию ғамхорӣ дар ҳаққи дурру гавҳари ҷамъият, яъне оила гуфташудаи Сардори давлат мебошад. Пай бурдан душвор нест, ки мақсад аз ғамхориҳои роҳбари давлатамон дар хусуси солимии оилаҳо ин тарбияи насли солим аст.**

ТАВРЕ дар Паём-2015 таъкид шуд, имрӯз дар қаламрави кишвар қариб 13000 нафар кӯдакону наврасони маъюби то 18 - сола аз ҷониби давлат нигоҳубин карда мешаванд. Дар як шабонарӯз ба дунё омадани 300 нафар атфоли маъюби модарзод ва дар баъзе оилаҳо мавҷуд будани 3 - 4 кӯдаки маъюб низ таъкид шуд, ки касро ба рикқат меорад. Чунин ҳодисаҳо бештар дар оилаҳои ҷавон рӯй медиҳанд. Тавре Сардори давлат ёдовар шуданд, дар аксар ҳолатҳо никоҳи хешутаборӣ сабаби таваллуди кӯдакони маъюб мегардад. Ҳанӯз ҳодисаҳои аз хешовандони наздик арӯс овардану духтари худро ба ақрабои наздик додан аз байн нарафтаанд. Аммо чунин ақида ҳам аз нуқтаи назари Ислом ва ҳам аз нуқтаи назари тиб дуруст нест. Қайд кардан зарур аст, ки ташаббускори хонадоршавӣ ба хешовандон аксар вақт на ҷавонон, балки падару модаронанд. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки фарзандони аз волидайни бо ҳам бегона ба дунёомада, боқувват, хушзеҳн, зебову хушандом шуда, дар чунин оилаҳо миёни зану шавҳар муносибати самимӣ, вафо ва меҳру садоқат бештар мегардад.

Дини мубини Ислом низ ин равишро тарғиб намекунад. Пири ҳакимони Машриқзамин Абӯалӣ ибни Сино гуфтааст, ки зимни ҳамхобагии хешовандони наздик лаззати ҷинсӣ чандон ҳам баланд намешудааст. Фарзанд бошад самараи чунин наздикист. Ҳадиси Расули Худо (с) дар хусуси издивоҷ бо бегонаҳо низ ба ҳамин нукта нигаронида шудааст. Зеро дар сурати издивоҷ ба хешованди наздик ба риштаҳои пур аз меҳру шафқати хешовандӣ метавонад таъсири манфӣ расонад. Яъне, агар мабодо дар оилае, ки хешовандони наздик издивоҷ намудаанд, низоъ ба миён ояд, меҳру шафқати хешовандӣ заиф шуда, риштаи қаробат канданаш мумкин аст. Вақте инсон бо фарзанди хоҳар, амма, хола, ҷиян, тағо ва дигар хешовандони худ никоҳ шавад, дар зиндагӣ ба мушкилоти зиёд дучор омада, ба ҳолати ногувор меафтад. Аз ин рӯ мамнӯъ эълон кардани никоҳи хешутаборӣ талаботи замон буда, ба мустаҳкамшавии ирсият мусоидат мекунад. Издивоҷ бо бегонагон илова ба кафолати насли солим, инчунин боиси зиёд шудани ёру дӯстон, афзудани сафи хешовандон, мустаҳкамшавии меҳру муҳаббат миёни афроди ҷомеъа мегардад.

Донишмандон таъкид менамоянд, ки зимни никоҳи хешовандӣ бинобар наздик будани хун хатари ба бемориҳои ирсӣ дучор гаштани фарзандон бештар мешавад. Дуруст аст, ки дар замонҳои қадим чунин никоҳҳо бештар рӯй медоданд. Дар баъзе ҳолатҳо бо сабаби аз ҳамдигар ҷудо шудани қабилаҳо ин гуна никоҳҳо маҷбурӣ будаанд. Дар хонадони подшоҳ чунин никоҳҳо боиси дар дасти хешовандон нигоҳ доштани ҳокимият мегашт. Бинобар ин аксар кӯдакон иллатӣ ба дунё меомаданд ва аломатҳои хоси вайроншавии насл аён мешуд.

Акнун бошад ба ин ҳоҷат нест. Ҳеҷ кас дурию наздикии роҳро намепурсад. Касе намегуяд, ки духтар аз шимол будаасту рафту омад намекунем ва ё домод аз ҷануб асту акнун чӣ мешуда бошад?

Имрӯз бо шарофати истиқлолият масофаи роҳ аз шаҳри Душанбе то Хуҷандро ҳамагӣ дар 4 - 5 соат тай кардан мумкин аст. Роҳи Душанбе - Кӯлоб - Дарвоз - Хоруғ низ чунин имкониятро фароҳам овард.

Масъалаи аз назорати тиббӣ гузаштани арӯсу домод имрӯз хеле бомаврид аст. Зеро як қисми ҷавонписарону ҷавондухтарон ба кишварҳои бегона рафта, баъзеашон ба ҳар гуна бемориҳои ҷинсӣ гирифтор мешаванд. Қабл аз никоҳ аз назорати духтур гузаштани арӯсу домод имконияти бо шахси гирифтори бемориҳои ҷинсӣ хонадор шуданашонро пешгирӣ мекунад.

- Мо хушбахт шудани ҳар як оиларо мехоҳем - гуфт Президент - Лекин дар оилаҳое, ки фарзандони носолим ба воя мерасанд, аз ин бахт маҳрум шуданашон, ба ҷои шодию фароғат ғаму андуҳ фаро гирифтани онҳоро чӣ гуна шарҳу эзоҳ додан мумкин аст?

Таъкиди Сардори давлат бомаврид аст. Инсоне, ки дар оила хушбахт бошад, воқеан ҳам хушбахттарин шахс аст. Ҷамъияте, ки аз одамони бадбахт ташкил ёфта бошад, маҳкуми ҳалокат мешавад. Нависандаи бузурги рус Лев Толстой гуфтааст: "Ҳама оилаҳои хушбахт ба ҳамдигар монананданд. Оилаҳои бадбахт бошанд, ҳар кадомашон ба худ хос бебахтанд". Хулосаи ин гуфтаҳо ин аст, ки никоҳ масъалаи ночиз набуда, таъминкунандаи бахти оила аст. Мо шарқием. Барои мо оила муқаддастарин қалъа ба шумор меравад. Девори ин қалъаро танҳо як чиз - нопокӣ метавонад вайрон кунад. Аз ин рӯ ҳам зан ва ҳам шавҳар бояд худро аз нопокию ҳаром нигоҳ доранд. Чунки оқибати он ногувор аст. Зеро насли солим аз волидайни солим ба дунё меояд.

Аслан мақсади никоҳ низ ҳамин аст. Ислом таълим медиҳад, ки ҳадаф аз хонадоршавии ду ҷинси ба ҳам муқобили ба балоғатрасида ва ба як болин сар ниҳодани онҳо пешгирии фосидшавии насл аз зино мебошад. Аз ин рӯ, ба хотири муҳофизати насл зино маҳкум гашта, никоҳ шарт карда шудааст. Никоҳ чун гувоҳномаест, ки боиси ба равиши расмӣ қонеъ кардани эҳтиёҷоти ҷинсӣ, ба дунё омадани фарзанд, ташкили хоҷагии муштарак, кафолатдиҳандаи таъминоти моддию маънавӣ мешавад. Аз замони барпо намудани оила то ин дам як қатор мутафаккирон аз нигоҳи ислом ва нуқтаи назари тиббӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён кардаанд. Ашхоси маърифатпарвар яккаҳамсариро одилтарин ва дурусттарин роҳ гуфтаанд. Қонунҳои Ҷумҳурии мо низ тибқи ҳамин ақида яккаҳамсариро тарғиб мекунад. Одоби инсонӣ низ ҳаминро тақозо менамояд. Ин боиси таъмини вафою садоқат дар оила мегардад. Аз ҳама муҳимаш ин ки зан шарафи худро аз поймолшавӣ эмин нигоҳ медорад.

Агар оила солим, мустаҳкам, тинҷу осуда ва ҳалолу пок бошад, ҷамъият низ осоишта, мустаҳкам ва осуда мешавад. Баръакс, агар дар оилаҳо парокандагӣ ва нотинҷӣ бошаду ҳалолу ҳаромро фарқ накунанд, он ҷамъият вайрон шуда, осудагӣ аз миён меравад ва оқибат рӯ ба таназзул меорад. Аз ин рӯ қаблан бо оиладорӣ омода кардани ҷавонон хеле муҳим аст.

Имрӯз дар кишварҳои Ғарб, оила рӯ ба инқироз овардааст. Дар чунин вазъ, соли 2015 - ро "Соли оила" эълон кардани Сардори давлатамон шоистаи таҳсин аст. Ба мавзӯи оила ин қадар эътибор додани роҳбари мамлакат сабаб дорад. Зеро оила ҷамъияти хурд ва пойдевори ривоҷёбии соҳаҳои иҷтимоиёт, иқтисодиёт, маънавӣ - маърифатӣ ва демографӣ ба шумор меравад. Ватан аз оила сар мешавад.

Пешравии ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодӣ маданӣ ва маънавии ҷамъият ба шахси аз ҳар ҷиҳат аз лиҳози сиёсӣ, маънавӣ ва ахлоқи мукаммал ба камол расида вобастагӣ дорад. Худшиносии инсон, бо ниёкон содиқ буданаш, тарбияи фарзанди комил аз оила сар мешавад.

Агар ба таърихи халқамон назар афканем, ба панду насиҳатҳои дар хусуси оила вазифаҳои он ва ба нигоҳ доштани муҳити солим дар оила бахшидашударо зиёд дучор меоем. Яъне таърихи оиладории тоҷик ва таърихи педагогикаи оиладории миллатамон хеле қадима аст. Дар китоби "Авесто" низ гуфтаҳои вобаста ба муносибатҳои оилавиро дучор меоем. Дар он омадааст, ки агар мард қобилияти наслофарӣ дошта бошаду хонадор нашавад, ба ӯ тамға мегузоштанд ё ба миёнаш занҷир баста ба роҳгардӣ маҷбур менамуданд. Дар "Авесто" никоҳи хешовандони наздик манъ шудааст. Ҳадаф аз манъкунӣ тоза нигоҳ доштани хун ва ҳифзи насли солим мебошад. Ниёконамон аз баҳри мустаҳкамии оила, дар роҳи тарбияи фарзанди солим пайваста эътибор дода, баҳри мустаҳкамии обрую ғурури оила доим саъю талош мекарданд.




Ғояҳои оилапарварӣ ва солим ба воя расонидани фарзанд, натанҳо ба сифати як роҳнамой, балки ба хушбахту саодатмандшавӣ, хуб таъмин буда, хушчақчақу серфарзанд буданашон низ нигаронида шудаанд. Ин гуна ғояҳо аз насл ба насл таввасути тарбияи оила ба ҳамдигар мегузарад.

Аз ин мисолҳо чунин бармеояд, ки ҳанӯз ҳазорсолаҳо пеш аз мелод ба меъёрҳои одобу ахлоқ, аз қабили оила барпо намудани марду зани солим, роҳ надодан ба вайроншавии хун, пешгирии никоҳи хешовандони наздиктарин риоя мекарданд.

Эътироф бояд кард, ки мардуми дорои таърихи фарҳанги ғаниамон ба мақоми оила, масъулияти оиладорӣ ва тарбияи фарзанд эътибори зиёд медоданд. Бинобар ин омӯзиши таърихи тарбияи оиладории миллӣ ва аз лиҳози хусусиятҳои педагогӣ асосноккунии он талаби давру замон аст.



**Сулаймон ЭРМАТОВ,**
*узви Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон, муаллифи китоби "Маърифати оиладорӣ"*

***Кори мардуми деҳанишин бо вуҷуди ин ки бинобар гарм омадани аввалҳои зимистон каме омад кард, аммо бо расидани рӯзҳои сардтар сӯхту сӯзи ангишти дар тирамоҳ захирашуда авҷ гирифт. Дар зимистон аз кӯчаҳои ҳар деҳае гузор накунед, ҳамоно ба димоғ бӯи ангишти сӯхта мерасид ва медидед,ки аз лӯлаҳои аз деворҳо ва бомҳо берунишуда фағонаи ғализ ва ғафси дуди он ба атроф паҳн мешавад. Ангишт дар чанд соли ахир ба ягона василаи гарм кардани манзили мардум табдил шуда, ҳамзамон бо афзоиши истеҳсол дастрасӣ ба он бештар мегардад. Одамон аз маводи дигари сӯхт, аз ҷумла ҳезум, чӯб ва саргини гов (тапак) бинобар зудсӯз будан бештар барои алови нон ва пухту паз истифода карда, аз ангишт барои гарм намудани манзилҳояшон кор мегиранд.***

# Деҳа бӯи дуд мекард

## Нигоҳе ба рӯзҳои сард дар Наврӯз. Ангишту барқ -кадоме беҳтар?



**АҲОЛИИ** деҳаи Нилкон, ки деҳае дар канори Душанбешаҳр аст, низ ба монанди сокинони садҳо деҳаҳои ноҳияҳои кишвар ба ин маводи сӯзишворӣ дастрасӣ дошта, ба таври васеъ истифода мекунанд.

Абдулло, як сокини деҳаи номбурда мегӯяд: -Дар тобистон ва тирамоҳ имкони хариди ангиштро надошт, аз ин сабаб танҳо бо сар шудани хунукиҳои зимистон ва боло рафтани арзиши он маҷбур буд, ки онро захира кунанд.

Вай гуфт: - Савдогароне, ки бо мошин ангишт меоранд, бо сард шудани ҳаво нархро якбора боло бурданд ва ӯ ҳар тоннаи ин сӯзишвориро 500 сомонӣ харид. Зеро илоҷи дигаре надошт.

Ӯ афзуд: - Дар оилаи мо ҳар рӯз дар ду бухорӣ (печка) алов мекунанд ва бовар дорад, ки панҷ тонна ангишти захиракардааш то охири хунукиҳо мерасад ва ба эҳтимоли зиёд камубеш барои соли оянда ҳам мемонад.

Ин деҳа дорои беш аз 250 хоҷагӣ буда ва аксар ба монанди хонаводаи Абдулло ҳадди ақал аз 2 оила иборат аст.

Агар ҳар хонавода дар ин мавсим ба ҳисоби миёна аз 2 то 3 тонна ангишти захиракардаашро бисӯзанд, тақрибан 1500 тонна хоҳад шуд.

Ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, ки деҳаи номбурда тобеи он аст, қариб 20 деҳаро дар бар мегирад ва агар сокинони ҳар кадом аз ин рустоҳо дар зимистон ба ин миқдор ангишт истифода карда бошанд, дар маҷмӯъ 30 ҳазор тонна ангиштро сӯхтаанд, ки миқдори кам нест.

Бар асоси ҳисоботи омории Вазорати саноати Тоҷикистон истихроҷи ангишт сол ба сол рӯ ба афзоиш буда ва танҳо дар 8 моҳи соли гузашта 520 ҳазор тонна истеҳсол шуд, ки ба ҳаҷми маҳсулоти дар соли 2013 истеҳсолшуда баробар аст.

Ба гуфтаи мақомоти ин вазорат чунин пешрафти кор бинобар гузаштани корхонаҳои бузурги саноатии ҷумҳурӣ ба истифодаи ангишт ва ҳамчунин ба кор даромадани марказҳои гармидиҳӣ ва корғоҳҳои нави истеҳсолии истифодабаранда аз ин маводи сӯхт аст.

Ин вазорат ҳамчунин хабар дод, ки бинобар рӯ ба афзоиши бо суръат доштани истеҳсоли ангишт дар конҳои маҳаллӣ воридоти он аз хориҷ (аз ҷумла аз Қирғизистони ҳамсоя) кам шуда ва нисбат ба 15 ҳазор тоннае, ки дар соли 2008 буд, воридоти ин маводи сӯхт дар соли гузашта ба ҳадди 3 ҳазор тонна кам шуд.

Маълум аст, ки бештари ангишти истеҳсолшуда дар конҳои ватанӣ барои корхонаҳои саноатӣ, марказҳои истеҳсоли барқ ва гармӣ, ҳаммомҳои шаҳрӣ, нонвойхонаҳо истифода шуда ва фақат як миқдори он ба аҳолӣ фурӯхта мешавад.

Ба иттилои масъулон истифодаи ангишт дар ин муассисаҳо таҳти назорат буда ва дар бештари онҳо таҷҳизоти ташхисӣ гузошта шуда ба қадри имкон аз ифлосшавии беш аз меъёри ҳаво пешгирӣ мешавад. Аммо дар деҳот иҷрои чунин иқдом номумкин аст.

Мутахассисони бахши муҳити зисти Тоҷикистон роҳи ҳалли ин мушкил ва пешгирӣ аз таъсири манфии беш аз беш ба вазъияти экологиро дар рушди соҳаи энергетика аз роҳи сохтани нерӯгоҳҳои нав мебинанд. Яъне иҷрои тарҳҳоеро зарур мешуморанд, ки аз муҳимтарин бахш дар барномаҳои давлатӣ буда ва Сардори давлат низ пайваста ба иҷро ва суръат бахшидан дар амалӣ шудани онҳо таъкид мекунад.

Бозор Абӯбакров, як муҳаққиқи масъалаҳои экологӣ низ бар ин назар аст, ки таваҷҷуҳи бештар ба рушди бахши энергетика, амалисозии тарҳ ва барномаҳои тасдиқшуда бар илаваи фоидаи экологӣ барои ҳар сокини ҷумҳурӣ, ба хусус барои деҳотиён судовар хоҳад буд.

Ӯ мегӯяд: -Ҳоло дар ноҳияҳо ҳар оила моҳона барои истифодаи барқ аз 30 то 100 сомонӣ пардохт мекунад, ки дар 5 моҳи фасли сармо дар маҷмӯъ ба ҳадди аксар 500 сомонӣ ва қариб баробари арзиши як тонна ангишти дар бозорҳо дар фурӯшбуда мешавад.

Ба эътиқоди ин муҳаққиқ, дар ҳолати рушди бахши энергетика ва доимӣ додани барқ барои аҳолии тамоми минтақаҳои кишвар истифодаи он низ афзоиш меёбад, вале бо вуҷуди ин харoҷоти мардуми деҳот барои барқ аз 200 то 250 сомонӣ бештар нахоҳад шуд.

Вай бовар дорад, ки ҳатто дар чунин ҳолат ҳам харҷи мардум барои барқ дар зимистон аз як ҳазор сомонӣ ё арзиши 2 тонна ангишт бештар нашуда ва ҳамзамон бо сарфаи пулии мардум аз зарари калон ба экология ва табиати кишвар пешгирӣ мешавад.

Ӯ ҳамчунин таъкид кард, ки бо коҳиши ҳаҷми сӯхти ин сӯзишворӣ аз партоби ҳазорҳо тонна пасмонда ё хокистари ангишт ба заминҳои кишти наздиҳавлигӣ низ пешгирӣ мешавад.

Ба гуфтаи вай, зарари хокистари ангишт дар он аст, ки дер ҳазм буда ва ҳар навъ хок ба хусус дар заминҳои корам ба зудӣ наметавонад онро ҳал кунад.

Аммо чӣ илоҷ, ки дар шароити феълӣ дастрасӣ ба ангишт ягона восита барои пешгирӣ аз буридан ва нобуд кардани дарахтон дар маҳалҳо мебошад.

Чуноне маълум аст, тайи даҳсолаҳои гузашта бинобар маҳдуд шудани имкони дастрасӣ ба барқ сокинони деҳаҳо садҳо дарахти сарсабзи кӯҳ ва доманакӯҳҳоро бурида ё худ алов карданд ва ё ба бозори шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо оварда фурӯхтанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дарахтони арча, дӯлона, сафедор, тут, чормағз ва булут бештар тӯъмаи дарахтбурон шудаанд.

Бо вуҷуди беҳтар шудани назорат аз сӯи кормандони ниҳодҳои вобаста ба Кумитаи муҳити зист, Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Тоҷикистон, дигар идораҳои масъул баъзе ошхонаҳо то ба имрӯз бо ҳезуми аз роҳҳои ғайриқонунӣ тайёршуда кор мекунанд.

Чунин як вазъият хеле ташвишовар буда, паёмадҳои сахте барои табиат ва муҳити зисти мо хоҳад дошт.

Ҳоло мардуми деҳот , ки беш аз 70 дарсади аҳолии кишварро ташкил медиҳанд, аз қувваи барқ дар зимистон фақат барои рӯшан кардани манзилҳояшон, ба кор даровардани таҷҳизоти барои рӯзгор муҳим: дарзмол, радио, телевизион, таъмини дастгоҳҳои телефонҳои мобилиро бо захираи нерӯ истифода карда, имкони маҳдудтаре барои бо кор бурдани барқ ба мақсади пухту паз ва гарм кардани манзил ва бахшҳои дигарро доранд.

**Ю. СОЛЕҲ**

---

**Маориф**

# ММТ: довталабон ба умеди касе нашаванд

**МАРКАЗИ миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оғози марҳилаи бақайдгирии довталабон бо пахши як муроҷиатномаи махсус, аз онҳо ва падару модарон хостааст, ки ҳангоми дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкадаҳо ҳушёр бошанд, то ба доми фиребу ваъдаҳои миёнравҳо наафтанд.**

**Дар муроҷиатномаи мазкур қайд карда шудааст, ки имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба монанди соли гузашта ба таври шаффоф ва одилона ба роҳ монда шуда, дониш ва маҳорату малакаи довталабон воқеӣ арзёбӣ карда мешавад. "Мутмаин бошед, ки имконидохолати беруна ва тақаллуб дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҷой надорад ва Марказ барои пешгирӣ аз ҳар гуна ниятҳои нопок ва амалҳои номатлуб дар ин раванд тамоми тадбирҳои амалиро меандешад".**

**Масъулони Марказ эълон доштаанд, ки бо вуҷуди ин, имкон дорад шахсоне пайдо шаванд, ки бо мақсади дарёфти манфиат дохил кардани довталабонро ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ ваъда диҳанд. Бори дигар таъкид менамоем, ки ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз наметавонад ба натиҷаҳои аз имтиҳонҳо бадастовардаи довталабон таъсире расонад.**

**Чунонки борҳо таъкид карда будем, дар тамоми раванди ташкил ва баргузории имтиҳонҳо технологияҳои нав истифода шуда, коркарди варақаҳои ҷавобҳо, ҷамъбаст ва баҳогузорӣ тавассути барномаҳои компютерӣ ва воситаҳои технологияи муосир амалӣ мегардад. Бехатарию махфияти иттилоот таъмин ва бо тамоми ҷузъиёташ риоя мегардад. Рафти имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар ҳамаи синфхонаҳои имтиҳон бо камераҳо сабт ва назорат мегардад, ки соли гузашта довталабон, падару модарон, омӯзгорон, фаъолони ҷамъиятӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма ва дигар алоқамандон бевосита худ шоҳиди чунин ташкили кор дар марказҳои имтиҳон шуда буданд.**

**Масъулини ниҳоди мазкур ҳамчунин таъкид намудаанд, ки воситаи ягона барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимӣ танҳо донишу маҳорат аст. Донишу қобилияти ҳар нафар ба таври воқеӣ баҳогузорӣ шуда, довталаби арзанда ҳатман соҳиби унвони донишҷӯӣ хоҳад шуд.**

**Аз таҷрибаи соли гузашта маълум гардид, ки довталабон ҳангоми интихоби ихтисос ва муассисаҳои таълимӣ ба баъзе нофаҳмию мушкилот дучор омаданд. Бинобар ин, Шуморо ба ҳушёрию бодиққатӣ дар ин самт даъват менамоем.**

**Довталабон дар интихоби касбу ихтисос ва муассисаи таълимӣ озоданд, аммо ҳангоми интихоби касбу ихтисос дурандешона рафтор карда, ихтисосро дуруст бояд интихоб намоянд, зеро ин дар ҳаёти довталаб муҳим ва тақдирсоз аст.**

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**



**Дар ҷамоати деҳоти Зайнабободи ноҳияи Рӯдакӣ хоҷагие мавҷуд аст, ки номи Ӯлҷабойро дорад. Дар рӯзҳои аввали ба ин ноҳия кӯчиданам гумон мекардам, ки хоҷагӣ ба хотири арҷгузорӣ ба собиқ Котиби якуми КМ ҲКТ Турсун Ӯлҷабоев номгузорӣ шудааст. Тасодуфан зимни мусоҳиба бо раиси онвақтаи ҷамоати деҳоти Зайнабобод Рисқинисо Худойбердиева аёнам гардид, ки хоҷагӣ ба номи падари Турсун Ӯлҷабоев, Ӯлҷабой Дӯстматов, ки солҳои панҷоҳум аз музофоти Нов (ҳозира ноҳияи Спитамен) ба ин ҷо кӯч баста, то охирин рӯзҳои ҳаёташ (феврали соли 1964) дар ободонии маҳаллаи Адолат ва рушду нумӯи соҳаҳои кишоварзию боғдории хоҷагӣ саҳми намоён доштааст, номгузорӣ шудааст. Он рӯз Р. Худойбердиева дар омади гап гуфт, ки «агар майли ҳар чӣ бештар ба даст овардани маълумот оид ба Бобои Ӯлҷабою писараш Турсун Ӯлҷабоевро дошта бошед, метавонед бо модарам, яъне хоҳари он кас, Ҳикматой Ӯлҷабоева суҳбат кунед.»**

# ҲИКМАТОЙ ӮЛҶАБОЕВА:
# БА ҶУЗ ДУО ДИГАР МАТЛАБ НАДОРАМ

**ЧУН** дар бораи ҳаёту фаъолияти Турсун Ӯлҷабоев бисёр шунида будам ва ошноӣ бо ҳаёту фаъолияти собиқ котиби аввали Ҳизби коммунисти Тоҷикистон завқ-амро ангеза медод, ба дидорбинии хоҳари ин шахси шинохта рафтам.

Ҳикматой Ӯлҷабоева, ки имрӯз 83 сол умр дорад, модари 10 фарзанд асту рӯзҳои гузаштаи умри бобаракати худро бо шавқу завқ нақл менамояд:

- Ман аз модарам баробари омӯхтани сири рӯзгордорӣ боғбонию гулпарвариро ба мерос гирифтаам, бо табассуми малеҳ нақл мекунад холаи Ҳикматой. Беҳуда набуд, ки модарам Холбибиро "Боғбон-бибӣ" мегуфтанд. Дар сабз шудани дарахтони боғоти имрӯзаи хоҷагӣ саҳми модари ман кам нест. Шуғли мардонаи модарам сокинони маҳалро ба илҳом оварда, дар як муддати кутоҳ боғдорӣ дар ин ҷо пешаи дӯстдоштаи сокинон гардид. Дар он рӯзҳое, ки писараш Турсун шахси аввали ҷумҳурӣ буд, модарам аз кори саҳро соате дар канор намондаст. Модар дарёфти ризқро бо меҳнати ҳалол ба ҳар кадоми мо пайваста талқин менамуд. Шояд падару модари ман аз меҳнати худ қонеъ буданд, ё омили дигаре буд, ки дар хонадони мо боре харҳашаву ҷанҷол сар намезад. Ҳама бо якдигар бо эҳтиром ҳарф мегуфтанд.

Хоксории Турсун -акаро намегӯед, - ба ёд меоварад, бибии Ҳикматой. Додарам самбӯсаи алафиро дӯст медошту пухтани онро аз мо тез-тез хоҳиш мекард. Ҳатто боре аз сафари ҷониби Кӯлоб ба шаҳр нарафта, бо меҳмонони зиёд ба хона даромада, аз мо хоҳиш карда буд, ки барояшон самбӯсаи алафӣ омода кунем. То омода шудани самбӯса ҳамроҳонашро ба боғ бурда, тарзҳои пайванди дарахтон, зарурати истеъмоли мева ва афзалияти истифодаи сабзавотро, ки ба ҷисму ҷон дармон мебахшад, шарҳу тафсир медод. Ҳатто "гирудори овозадор", ки алайҳи ӯ тарҳрезӣ шуд, рӯҳияи ӯро шикаста натавонист. Пас аз сабукдӯш шудан аз вазифаи Котиби якуми Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Турсун-акаам дар Метин -Туқай, совхози боғдории Ғарм ва ниҳоят дар хоҷагии 25 -ум Партсъезди водии Вахш шуғли меросӣ - боғдорию кишоварзиро равнақ дода, аз худ номи накӯ гузошт.

Мо сокинони мамлакат хушбахту сарфароз аз онем, ки дар шахсияти Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон чунин сарвари соҳибназар ва оқилу раиятпарвар дорем. Хизматҳои Турсун Ӯлҷабоев маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ ва ҳидояти Президенти мамлакат қадрдонӣ гардида номи ӯро абадӣ намуданд. Мо, ворисону пайвандони номбурда тамоми нерӯи худро баҳри он равона менамоем, ки бо меҳнати ҳалол ва самараноки худ бобати тараққию рушди ҷомеаи Ватан саҳмгузор бошем, - бо қатъият мегӯяд, мусоҳиби мо.

- Шумо бар ивази ҳамаи ин меҳнату заҳматҳо, ки воқеъан ҳам оилаи Ӯлҷабоевҳо дар рушду нумуи кишвар анҷом додааст, чӣ интизорӣ доред?- мепурсам аз ӯ.

-Як кампири 83 -сола дар дил чӣ орзуву ҳавас дошта метавонад? Ман, ки ба ин синни муборак расидаам ба ҷуз шукронаи ин рӯзгори ободу осуда ҳеҷ матлаб надорам, магар ин ки роҳбарони имрӯзаи ноҳияву ҷамоат гоҳо ба аёдати мо биёянду аз дуои мо баҳравар шаванд. Ҳамин одати хуб чанд сол пеш буд, вале ба кадом иллате, ё шояд аз серкории роҳбарон бошад, ки ба боди фаромӯшӣ рафтааст. Ҳамин духтарам Ризқинисо, ки шуморо ба кулбаи хоксоронаи ман раҳнамоӣ кардааст, дар вазифаҳои масъули давлатӣ фаъолият мекард. Ин духтар ҳам аз насли ҳамон Турсун Ӯлҷабоеви номӣ аст, барои рушду пешравии ватани азизамон ҷонбозиҳо кардааст. Хуб мешуд аз дасти ин фарзанди мо мегирифтанду тарбия мекарданд, то дар ҷомеа мавқеи арзандаи худро пайдо мекард.

Имони ман комил асту бовар дорам, ки чунин иштибоҳҳои кӯчак ислоҳ мешаванду ба ҳар нафаре, ки майлу хоҳиши саҳм гирифтан дар пешрафти ҳаёти ҷомеа дорад, ба ӯ имконияти мусоид фароҳам сохта мешавад. Ин талаботи давр ва ҳидоятҳои раҳнамунсози Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мақоми занро дар ҷомеа ба пояи арзанда баровардаанд, хулоса менамояд Ҳикматой Ӯлҷабоева.

Бо ҳоҷибибӣ Ҳикматой Ӯлҷабоева рӯи кати бобоияш, ки барои вай хело азиз аст, дар ҳалқаи духтаронаш, ки ҳар кадоме бо меҳнати муфид дар ҷомеа саҳми сазовор доранд, суҳбат мекардему вақти хайрухуш ӯ бо умеди ояндаи дурахшони ҷомеа, рушду тараққии соҳаҳои мухталиф, сулҳу амонии минтақа даст ба дуо бардошт. Аминем, ки дуояш мустаҷоб мешавад ва мо ҳаргиз дуо гирифтан аз ин пирони барнодилро фаромӯш нахоҳем кард...

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

**Нигаронӣ**

# Зафаробод: ҲАҚИҚАТ БОИСИ ТАҲҚИР ГАРДИД

***Дар ҷамъият баёни нуқтаи назар воситаи умдаи ислоҳ ва рафъи нуқсу камбудиҳо хоҳад буд. Алалхусус, дар сохтори давлати демокративу ҳуқуқбунёд изҳори андешаву назар ба таври озод, албатта бидуни таҳқир, раво мебошад. Бинобар чунин ҳидояти аҳкоми ҳуқуқии давлат ва Сарвари он Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон, ки пайваста оиди ҳақиқатбаёнӣ ва танқиди нуқсонҳои корӣ дар маҳаллу ҷойҳо тақозо менамоянд, камина дар шумораи 21 январи соли 2015 ҳафтавори "Минбари халқ", маводеро зери сарлавҳаи "Зафаробод: Соҳибкорон сарсонанд" нашр кардам. Маводи зикрёфта оиди фаъолияти соҳибкорӣ, таҳвили мол ва муносибати ноҷӯри сардори Нозироти андози ноҳияи Зафаробод, Б.Турдиев нисбат ба масоили зикрёфта буд.***

**МАВРИДИ ёдоварист, ки санадҳои ҳуқуқии ҶТ дахолат нопазирии фаъолияти озоди соҳибкорӣ, деҳқониву фермерӣ ва фӯрушу таҳвили бори ин табақаи ҷамъиятро ҳифз менамоянд. Масалан: Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) Моддаи 9. Дахолат ба фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ.» Дар сархати банди 1 омадааст: - Дахолат ба фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он манъ аст".**

**Ҳамчунин, дар ҳимояи соҳибкорон Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ. Моддаи 14. Маҳдудкунии дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ: Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ корҳои зайл манъ аст:-Ба соҳибкорон додани дастур дар бораи таҳвили мол".**




**Боби 4, Қонуни мазкур:-Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ. Моддаи 22. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ. "Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Давлат набояд монеъи фаъолияти субъекти соҳибкорӣ шавад".**

**Бале, камина бо дарназардошти талаботи Қонунҳои зикрёфта ва аксуламали ин гуна асноди ҳуқуқӣ рафтор намудани сардори Нозироти андози ноҳияи Зафаробод Б.Тӯрдиев ва дар муносибат бо деҳқону соҳибкорон дурушту дағал будани ин шахс, матлаби "Зафаробод: Соҳибкорон сарсонанд",-ро нашр намуда будам. Вале ба ҷои вокуниши расмӣ аз ҷониби мақомоти андози ноҳияи Зафаробод, банда аз шиносу ношинос тариқи шифоҳӣ нисбати худ ва ҳафтаномаи "Минбари халқ" аз Б.Турдиев таҳқиру дашном мешунавам. Шиноси таҳқирёфтаи камина, ки бо мо дар як корхона ба ҳайси сармуҳосиб кору фаъолият менамояд, Умар Раҷабов бо як ҳолати рӯҳафтодагӣ нақл мекунанд, ки ман санаи 27.02.2015 сол барои супоридани маблағи андозҳои ҷории корхона ба бахши "Амонатбонк"-и ноҳияи Зафаробод ҳозир шудам. Маро пеш аз пардохти андоз, муовини сардори нозироти андози ноҳияи Зафаробод У.Раупов талаб намуд,ки сараввал ба идораи Нозироти андоз рафта бо Сардор (Б.Турдиев) рӯбарӯ шавам.**

**Умарҷон бо афшондани даст суҳбаташро идома медиҳад:- Кош, ман рӯи ин гуна сардорро намедидам. Банда аз оқибати ҳол бехабар, "чаро?" гуён ба Умарҷон суол кардам. Дар ҳаётам ин гуна беодобӣ ва таҳқиру ҳақоратро ба худ раво надида будам.- Баҳоваддин Турдиев маро дар шоҳидии муовини худ У.Раупов ва раиси "Суғдагросерв" А.Ҳайдаров чунон таҳқир намуд, ки ба гуфтанаш забонам намегардад. - Ба ростӣ, ин гуна дашном ва бо ҳаракатҳои даст таҳдиди таҷовуз намудани сардори як идораи бонуфузи давлатӣ маро то ҷое ба ҳайрату руҳафтодагӣ овард,ки забонам лол гашт... Аз Умарҷон суол намудам, ки ин ҳама таҳқир барои чӣ буд? Андаке бо ҳайрат ба рӯям нигариста посух дод:- Барои ана ҳамон мақолае,ки дар "Минбари халқ" чоп намудед. Рости гап назди Умарҷон дар хиҷолат мондам, ки барои баёни ҳақиқати гуфтаи мо бародари ҳамкорамон таҳқир шудааст. Умарҷон лаҳзае баъд аз гуфтану шунидани алфози қабеҳи Баҳоваддин ба сукут омад. Ин дам Аббос Иброҳимов сармуҳаррири рӯзномаи "Зарбдор"-и ноҳияи Зафаробод бо мо рӯбарӯ омаданд. Ва устод,ки марди рӯзгордидаанд, дарҳол аз ваҷоҳати мо пай бурда, «тинҷӣ» - мӣ, гуён ба ман нигаристанд. Ба Иброҳимов воқеаро изҳор доштем. Устод он ҳама нақли пур аз дашномро гӯш андохта, моро ба тамкин оварданд, ки ин қадар ба гуфтори Б.Турдиев аҳамият надиҳем. Зеро ӯ нисбати эшон низ чанде қабл дуруштӣ намуда ягона баёнгари ҳолу аҳволи мардуми Зафаробод, рӯзномаи "Зарбдор"-ро барои обуна нашудан таҳқир кардааст.**

**Чанд рӯз гузашт. Умарҷонро занг зада пурсон шудам:- Баҳоваддин аз шумо баъди он қадар таҳқир бахшиш напурсид? Умарҷон дар ҷавоб,- Худо ӯро бахшад,- гӯён изҳор дошт, ки ман баъд аз он лаҳзаи таҳқир ба хулоса омадам,ки беҳтараш дигар бо Баҳоваддин рӯ ба рӯ нашавам. Ва бо хоҳиши худ ариза навишта аз кор рафтам...**

**Нашояд,ки инсон чунин дар муносибат дағал бошад ва ё бадкина, ки мардум аз ӯ парҳезанд. Посухи таҳқире,ки нисбати Умарҷон раво дида шуд, рӯзгор худ ҷавоб хоҳад дод!**

**Кайҳони СУФӢ, рӯзноманигор**

## Саҳифаи таърих

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

# ДИКТАТОРҲО ЧӢ МЕХӮРАНД

**ЗОЛИМОН БО АЙБИ КӢ ПАЙДО МЕШАВАНД, ПАДАРИ БАДХАШМ Ё МОДАРИ МЕҲРУБОН?**

Психологҳо солиёни дароз тадқиқот мебаранд то бидонанд, ки бадӣ дар тинати одам аз кучо сарчашма мегирад.

Дар адабиёти илмии Ғарб оид ба ин мавзӯъ китобҳо бо номи "Психикаи Сталин"-и Даниел Ранкур ва "Аввал тарбия буд"-и Алис Миллер нашр шуданд. Муаллифони китобҳои мазкур сабаби золимии ин ҳокимонро дар овони кӯдакиашон пайдо намудаанд. Дарвоқеъ, айёми хурдсолии Сталин ва Гитлер шабеҳи якдигаранд. Ҳарду ҳам падари якрав, дағал ва ситамгар доштаанд. Ҳамин минвол кӯдакон дар оғози зиндагии худ бо қувваозмоии нобаробар дучор меоянд. Модаронашон бошад баръакс, писаронашонро то андозае дӯст медоштанд, ки муҳаббаташон ба дараҷаи парастиш мерасид. Ин сабаб дошт. Пеш аз таваллуди Иосиф модари ӯ ду фарзандашро аллакай аз даст дода буд. Адольф низ баъди марги 3 фарзанди падар ба дунё омадааст. Шояд ҳамин муносибати мухталифи волидайн сабаби руҳияи носолими фарзандон гашт?



Валерий Лейбин - доктори фалсафа, профессори институти психоанализи Маскав дар ин бора ақидаи дигар дорад. Новобаста ба монандии зоҳирӣ муҳит ва тарбия дар ин ду оила аз ҳам куллан фарқ мекард. Гитлер кӯдакии серу пурро паси сар намудааст. Падари ӯ ҳарчанд ки худ ғайримашрӯъ ба дунё омада буд, вале бо кӯшиши зиёд дар ҷамъият мақоми худро пайдо намуд. Ӯ дар гумрук кор мекард ва зиндагиашон орӣ аз ноқисиҳои моддӣ буд. Ҳарчанд падари Гитлер чун одами бадҷаҳлу сангдил ёд мешавад, ба писараш ягон хел зарари ҷисмонӣ намерасонд. Проблемаи Гитлер дар он буд, ки дар олами тахайюлот зиндагӣ мекард ва одатан байни ҳақиқат ва хаёл тафовуте намедид. Дар ҳаёти Сталин мо баръакси ин ҳамаро мебинем, ӯ ҳанӯз дар кӯдакӣ таъми ғамро чашида буд. Нуқсонҳои ҷисмонӣ аз қабили баробар набудани дастҳо,ноҷӯрии ангуштони пой, рӯйи дар натиҷаи беморӣ гул бадшаклшуда ӯро ба дараҷае дилшикаста намуда буд, ки дунё ба чашмаш тираву тор менамуд. Иосиф бо маслиҳати модар аввал ба мактаби семинарияи динӣ дохил шуд. Вале азбаски Сталин одами корозмуда буд, дар охир бо ақидаи худ кор кард. Ӯ мактабро партофта, ба фаъолияти револютсиониаш оғоз намуд.

Дар тақдири ин ду шахсияти таърихӣ шабоҳати дигаре низ вуҷуд дорад: Ҳарду ҳам аз падар хеле барвақт маҳрум гаштаанд, Иосиф 11 сола буд ва Гитлер 13 сол дошт...

Бешубҳа, марги падар Сталинро аз азобу уқубат ва таҳқирҳои ӯ халос намуд. Падари Гитлер бошад, баъди вафот ба ӯ меросе боқӣ гузошт, ки он барои амалӣ намудани орзуҳои эҷодиаш кӯмак расонд.

Дар муносибат бо модарони худ Сталин ва Гитлер гуногун буданд. Ҳангоми хурдсолӣ Сталин модарашро аз латукӯби падар раҳонида, ҳатто бо корд ба ӯ дармеафтад, боре қариб худ қурбон шуда буд. Гитлер бошад дар муносибат бо модар танҳо манфиатҳои худро дар мадди аввал мегузошт. Модар тайёр буд ба хотири роҳати ӯ аз тамоми чиз гузашт кунад, вале Гитлер хеле худхоҳ буд.

Тадқиқотчиён ба як хулосаи амиқ наомадаанд, ки сабаби золимии инсон дар чист ва аз кучо сарчашма мегирад. Ин ҷо омилҳо зиёд ва гуногунанд, сар карда аз оила, муҳити зист, нажоду авлод ва хулқу атвор... Вале рисолати инсон дар он аст, ки дар ҳама ҳолат симои одамиашро гум накунад. Яъне, арзандаи номи инсон бошад.

**Таҳияи**
**Собоҳат ХУДОЁРБЕКОВА**

## Донишатро бисанҷ




Корти зард дар футбол

... Завқибеков, ҳунарманд

Ҳарфи алифбои инглисӣ

Пайвандак

... Шералӣ, шоири маҳбуби тоҷик

Шикоят, гила

Қиссаи Авазро замзама мекунад

Бозичаи духтарон

Навъи истеҳкоми ҳарбӣ

Пистон

Акнун

Ғунҷоиш

Шахси ҳиссиёташ баланд

Таоми миллии тоторӣ

Ташкилоти баскетболи ИМА (русӣ)

Ҳавобаландӣ

Ниём, «кобура»-и шамшер

Эпоси миллии ҳинд

Обдор

«Ҳоло ...», филми тасвирӣ

Як бозии қарта

Картошкабирёни тарабхона

Офарин, аҳсан

Инсоният

Ҳаво аз даҳон

Гурӯҳи зиддидавлатии афғон

Даниэл ..., муаллифи "Робинзон Крузо"

Гӯшти беустухон

Фарзанди падар

Ширкати ҳавопаймоии ҶТ

Дарёи ҷорӣ аз Чин ба Қазоқистон

Давлати фиръавнҳо

Нисфи диаметр

Ҳиссачаи тасдиқии китобӣ

Давлат дар Африқо

Монанд, мисл






Модар (лаҳҷавӣ)

Меҳрубонӣ, шафқат

Мокиёни ҷӯҷабарор

Тамғаи радиотехникаи Ҷопон

Тамокукорӣ

Нависандаи муосири тоҷик

Варзиш

# Амороти Муттаҳидаи Араб - мизбони Ҷоми Осиё-2019

**Ҷаласаи навбатии кумитаи иҷроияи Конфедератсияи футболи Осиё (AFC) тасмим гирифт, ки мусобиқаи Ҷоми футболи Осиё дар соли 2019 дар Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) баргузор мешавад.**

Бори аввал дар қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2019 24 даста иштирок мекунанд. Ёдовар мешавем, ки Аморати Муттаҳидаи Араб соли 1996 мизбони Ҷоми Осиё буд ва дар бозии ниҳоӣ аз Арабистони Саудӣ аз рӯи силсилаи тӯбҳои ёздаҳметра бозиро бо ҳисоби 2:4 бохт. Эрон низ солҳои 1968 ва 1976 мусобиқаи ниҳоии Ҷоми Осиёро баргузор карда, пирӯз шудааст. Имсол Ҷоми Осиё насиби мунтахаби Австралия гардид. Дастаи мунтахаби миллии футболи Австралия дар бозии ниҳоӣ рӯзи 31-уми январи соли равон дар шаҳри Сидней тими миллии Кореяи Ҷанубиро бо ҳисоби 2:1 мағлуб кард.

Мавриди зикр аст, ки солҳои 2007 ва 2011 мунтахаби Кореяи Ҷанубӣ медалҳои биринҷии мусобиқаро сазовор шудааст. Аз ин пеш кореягиҳо ду бор (солҳои 1956 ва 1960) Ҷоми Осиёро ба даст оварда, се бор (солҳои 1972, 1980 ва 1988) ба финал баромадаанд.

Дар мусобиқаи имсола Австралия ва Кореяи Ҷанубӣ дар як гурӯҳ бозӣ карданд ва кореягиҳо бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуда буданд. Мунтахаби АМА, ки дар бозӣ барои ҷойи сеюм тими миллии Ироқро бо ҳисоби 3:2 шикаст дод, барандаи медалҳои биринҷии Ҷоми Осиё -2015 гардид.

Дар таърихи Ҷоми Осиё АМА бори дуюм соҳиби медал шудааст. Соли 1996 АМА дар бозии ниҳоӣ аз Арабистони Саудӣ мағлуб шуда, соҳиби медалҳои нуқра гардида буд.

# «ИСТИҚЛОЛ» боз ҷоми ФФТ-ро соҳиб шуд

**Дастаи "Истиқлол"-и Душанбе имсол низ Ҷоми Федератсияи футболи Тоҷикистонро соҳиб шуд. Дар вохӯрии ниҳоӣ "Истиқлол" тими "Хайр"-и шаҳри Ваҳдатро бо ҳисоби бузурги 5:1 мағлуб кард.**

Дар ин бозӣ нимҳимоятгари соҳибони майдон Умедҷон Шарифов дар дақиқаҳои 38-ум, 85-ум ва 90-ум тӯбро вориди дарвозаи меҳмонон намуда, хет-трик кард. Ду голи дигари "Истиқлол"-ро Фатҳулло Фатҳуллоев дар дақиқаи 48-ум ва Манучеҳр Ҷалилов дар дақиқаи 79-ум ба дарвозаи "Хайр" заданд. Дар лаҳзаҳои охир бозигари "Хайр" Фазлиддин Сафаров як тӯро ба ҳадаф расонд.

ССКА "Помир"-и Душанбе баъди пирӯзӣ бо ҳисоби 1:0 бар дастаи "Регар-ТадАЗ"-и Турсунзода дар ҷойи сеюм қарор гирифт.

Тавре аз Федератсияи футболи мамлакат хабар доданд, маблағи ҷоизаи имсола 45 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, дастаи ғолиб -"Истиқлол" сазовори Ҷоми ФФТ, медалҳои тиллоии мусобиқа ва 20 ҳазор сомонӣ гардид. Дастаи "Хайр" барои ҷои дуюм соҳиби медалҳои нуқра ва 15 ҳазор сомонӣ шуд. ССКА "Помир" медалҳои биринҷӣ ва 10 ҳазор сомониро ба даст овард.

# «Созандагони Ватан» дар сафи пеш

***Тибқи нақшаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Норак, аз 4 то 26 марти соли 2015, аз ҳисоби ҷавонони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии корхонаю муассисаҳо мусобиқаи футбол баргузор намуданд.***

Дар ин бозӣ дастаҳои футболи "Созандагони Ватан", НБО-и Норак, деҳаҳои Санги Сиёҳ, Дӯстӣ, Наврасон, Ёвон, Ҳоҷиён, Ваҳдат, Сари Боло, Энергетик, Звезда, Абдуқаюм Назаров, Пули Сангин, Чортут, "Тоҷиксодиротбонк", Туғмазор ва Дисабур фаъолона иштирок менамоянд. Пас аз чанд вохӯрӣ дастаи футболи "Созандагони Ватан" пешсафи мусобиқа аст. Дар ин самт бозиҳо идома дошта аз тарафи комиҷрояи ҳизб ва роҳбарияти бахши ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" дар шаҳри Норак дар ҷамъбаст иштирокчиёни фаъоли даста бо мукофотҳои пулӣ сарфароз карда мешаванд.

**А. САФАРЗОДА**

## ГУРДААТОН САНГ ДОРАД?

## ПРОЛИТ СУПЕР БА ШУМО КӮМАК МЕКУНАД!

**- ин маҷмӯъ шафоатест барои:**
**-пора намудан ва аз гурда бо нармӣ берун баровардани сангу қум;**
**-зидди илтиҳоб ва шамолхӯрии гурдаҳо истифода бурда мешавад.**
**-таркиби антисептикӣ ва антибактериалӣ дорад.**

Таъсироти асоси натиҷаовари он; хунукии гурда, инфексия, ва аз байн бурдани сангу қум. Бемороне ки тавассути **"Пролит супер"** табобат гирифтаанд, онро ҳамчун воситаи таъсирбахш бар зидди бемориҳои дар боло ёдовардашуда баҳо додаанд. Бо ҳисоботи идораи маркетологии байнидавлатӣ- **"DSEM grup"** аз рӯи фурӯши (дар системаи урология)ҷаҳонӣ, пролит супер дар зинаи аввал қарор дорад.

**Нархи фурӯш: 66 сомони. АЗ ДОРУХОНАҲО ХАРИДОРӢ НАМОЕД!**




# ТАВАҶҶУҲ, ОЗМУН!!!

ТҶҶ "Созандагони Ватан" байни ҷавонони 18 -30-солаи пойтахт таҳти унвони

## "БЕҲТАРИН РОВИИ ҶАВОН"

### озмун эълон мекунад:

**Дар озмун донишҷӯён, соҳибкорону ҳунармандони ҷавон метавонанд иштирок кунанд.**

**Мавзӯъҳо озод буда, бояд фарогири ҳаёт ва фаъолияти ҷавонон бошанд. Ба ҳар иштирокчӣ барои нишон додани маҳорат аз 3 то 8 дақиқа вақт дода мешавад.**

**Довталабон бояд дар бораи худ маълумотнома (бо иловаи расм, суроға, нусхаи шиноснома) ва мавзӯи баромадашонро тавассути почтаи info@sozandagon.tj ирсол ва ё ба Кохи Ваҳдат, ошёнаи 4 дастрас намоянд.**

**Мухлати пешниҳоди мавзӯъҳо то 30 марти соли 2015 муқаррар шудааст.**

**Рӯзҳои 3-10 апрел иштирокчиёни озмун ба суҳбат даъват карда мешаванд.**

**Рӯзи баргузории озмун иловатан эълон хоҳад шуд.**

**Ғолибон бо туҳфаҳои арзишманд ва бо мукофотҳои пулӣ барои ҷои 1-ум 1700 сомонӣ, ҷои 2-юм 1100 сомонӣ, ва барои ҷои 3-юм 700 сомонӣ сарфароз мегарданд.**

**Тафсилоти бештарро метавонед аз сомонаи sozandagon.tj ва шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо кунед.**

**ТЕЛЕФОН БАРОИ ТАМОС: 224-49-30**

## "ИДЕАЛ" - дар ҳақиқат хароб мешавед!



"Идеал" -фитомаҷмӯи гиёҳӣ буда ба ҷабидани равған дар организм монеа мешавад, **холестеринро аз меъда бароварда ба таҷзияи он мусоидат мекунад;**
**- таъсири нарми дарунронӣ дорад;**
**- хориҷшавии моддаҳои зарароварро аз организм метезонад;**
- Боз аҷоиботи **"Идеал"** дар он аст, ки он на танҳо вазнро кам мекунад, балки ҳусну зебоии танро ба меъёр меоварад. Дар интернет "Идеал"-ро ҷӯё шавед ва худ шоҳиди таъсирнок будани он гардед.
**ИСТИФОДА:** Аз 10 сола боло ва ба ҳамаи синну сол (марду-зан) аз 1-то 3 донача 1 бор дар як рӯз шабона ҳангоми хӯрок, давомнокӣ аз 30 то 60 рӯз. **АЗ ДОРУХОНАҲОИ ШАҲР ПУРСОН ШАВЕД!**

## "ОРОМ БОШ!"– ДАВОИ РУСӢ БО НОМИ ТОҶИКӢ

**ХОБАТОН НАМЕБАРАД? ЗУД АСАБОНӢ МЕШАВЕД? ФАРОМӮШХОТИРӢ ТАШВИШАТОН МЕДИҲАД?**

Пас давои таъсирбахши **"Ором бош!"** барои шумост! Оре, чунин давое бо номи тоҷикӣ вуҷуд дорад ва он бо фармоиши ширкати дорусозии Тоҷикистон аз ҷониби дорусозони рус истеҳсол гардид. Қаблан ин даво дар бештар аз 40 муассисаи табобатӣ ва илмии Федератсияи Россия мавриди тадқиқу омӯзиш қарор гирифта, сазовори баҳои баланд гаштааст.

Таъсири **"Ором бош!"** хеле гуногун аст. **"Ором бош!"**: **бехобиро аз байн бурда, хобро мӯтадил месозад; рӯҳ ва асаби шахсро оромиву осудагӣ мебахшад; хотираро қавӣ мегардонад; раванди азёдкунӣ ва омӯзишро беҳтар менамояд. Таркиби набототии он стресс(тарсу ваҳм)-ро монеъ мегардад.**

Дар таркиби **"Ором бош!"** спирт ва қанд мавҷуд нест, бинобар ин, истеъмоли он барои гирифторони бемориҳои диабет, атеросклероз, фарбеҳшавӣ ва занҳои ҳомила зарур ва мумкин аст. **Тарзи истеъмол:** аз 12 сола боло ба ҳамаи сину сол рӯзе се маротиба 15-20 чакра. **Нархи фурӯш аз 25 то 27 сомонӣ. АЗ ДОРУХОНАҲО ДАСТРАС НАМОЕД!**




**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо рақами 0046968, ки онро бахши бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон дар ноҳияи Балҷувон санаи 3 сентябри соли 2013 ба Сангов Маҳмадшо Нурович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

***

Аттестати силсилаи АБ №150193, ки мактаби миёнаи №2 ноҳияи Рӯдакӣ ба сокини ҳамин ноҳия Хушназаров Бахтиёр додааст, бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

**ЭЪЛОН**

**Кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Аӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барои ишғоли вазифаи муаллими калом ду ҷой эълон менамояд.**

МИНБАРИ ХАЛҚ
НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

*Сармуҳаррир*
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат: Хусрав Дӯстов
ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Ҷумъа Қуддус, Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир,
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

НИШОНИИ МО: *734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16. Индекси обуна: 68910*
Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».
Теъдоди нашр: 49234 нусха
Навбатдор: И. Тоҳиров

